«Тасдиқ мекунам»
мудири кафедраиҳуқуқ
ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ
дотсент Каримов А
«____»_________соли 2019

**Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Факултети муносибатҳои байналмилалӣ**

**Кафедраи** «Ҳуқуқ ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ»
Соли таҳсили 2019-2020 сместри 1 санҷиши тестӣ(дар компютер)
Фанни «Ҳуқуқи гражданӣ»
Ному насаби устод Каримов И.И.
Курс 1 гурӯҳ А,Б
Ихтисоси 26-01-03 Идораи ҳайати кадрӣ

**Намунаи саволномаи тестӣ**

**@1.Оё шахси ҳуқуқие, ки аз ҷониби давлат таъсис дода шудааст, аз рӯи ӯҳдадориҳои он масъулият дорад?**
$A) Дорад, чунки муассиси он давлат аст;
$B) Дорад, агар муассиси он Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
$C) Ин масъаларо суд ҳал мекунад;
$D) Надорад, ба шарте ин шахси ҳуқуқӣ ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд бошад;
$E) Надорад;

**@2.Кадоме аз ашёи номбаршаванда ашёи ғайриманқул аст?**
$A) Замин, об, ҷангал, фазои ҳаво ва дигар сарватҳои табиӣ;
$B) Пул, коғазҳои қиматнок, ниҳолҳои бисёрсола, корхона;
$C) Бино, иншоот, қатора, манзил, нақлиёти автомобилӣ;
$D) Киштӣ, заврақ, автомобил, қатора, ҳавопаймо;
$E) Киштиҳои ҳавоӣ ва ниҳолҳои бисёрсола;

**@3.Қисман қобили амал будани ноболиғ барқарор карда мешавад:**
1) бо гузаштани мӯҳлати маҳдудсозӣ (агар чунин мӯҳлат бо қарори суд муайян карда шуда бошад).
2) ба синни 18 расидани ноболиғ ё эълон намудани эмансипатсия ё издивоҷ то синни 18 дар ҳолатҳое, ки қонун иҷозат додааст.

3) бо қарори суд дар бораи бекор кардани маҳдудияти қобилияти амал, агар ҳамаи асосҳои ҷорӣ намудани маҳдудият аз байн рафта бошад.
$A) 2;
$B) 1-2;
$C) 1,3;
$D) 1;
$E) 1-3;

**@4.Чанд тартиби пурра қобили амал эълон намудани ноболиғ мавҷуд аст?**
$A) 3;
$B) 5;
$C) 1;
$D) 4;
$E) 2;

**@5.Ноболиғи эмансипатсияшуда метавонад:**
1) васӣ ё парастор (қисми 2 моддаи 36 КГ) бошад.
2) фарзандхонд (қисми 1 моддаи 127 КО) бошад.
3) дар истеҳсолоти иҷро мустақилона ҳуқуқҳои худро ба амал барорад ва ӯҳдадориҳоро иҷро намояд (моддаи 34 Қонун дар бораи истеҳсолоти иҷро).
4) масъулияти граждаииро мустақилона ба зимма дошта бошад.
$A) 1-4;
$B) 1-3;
$C) 1-2;
$D) 4;
$E) 3,4;

**@6.Шахсе, ки дар натиҷаи сӯиистеъмоли машрубот ё воситаҳои нашъаовар худ ва хонаводаи худро дар вазъи вазнини моддӣ қарор медиҳад:**
$A) аз ҳуқуқи падариву модарӣ маҳрум карда мешавад;
$B) ғайри қоибили амал дониста мешавад;
$C) майзада ё нашъаманд дониста мешавад;
$D) ҳамаи ҷавобҳо дурустанд;
$E) қобилияти амалкуниаш маҳдуд карда мешавад;

**@7.Маҳдуд сохтани қобилияти амали шаҳрванд аз инҳо иборат аст:**
чунин шаҳрванд ҳуқуқ надорад аҳдҳои хурди маиширо анҷом диҳад.
чунин шаҳрванд барои содир намудани аҳди баста ва зарари вориднамудааш мустақилона масъулияти молумулкӣ дорад.
чунин шаҳрванд ҳуқуқ дорад аҳдҳои хурди маиширо анҷом диҳад.
$A) 1-2;
$B) 1-3;
$C) 2;
$D) 1;
$E) 2-3;

**@8.Кадоме аз ҳолатҳои зерин оқибатҳои бедарак ғоиб эътироф намудани шаҳрванд мебошанд:**
1) ҳамсари шахси бедарак ғоиб метавонад дар мақомоти сабти асноди ҳолатҳои шаҳрвандӣ ақди никоҳро бекор намояд (моддаи 40 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ»).
2) дар сурати аз ҷониби суд бедарак ғоиб эътироф намудани корманд шартномаи меҳнатӣ қатъ мегардад.
3) шартномаи супориш дар натиҷаи бедарак ғоиб эътироф намудани вакилкунанда ё вакил (қисми 1 моддаи 918 ГК) , шартномаи комиссия дар сурати бедарак ғоиб эътироф намудани комиссионер (қисми 1 моддаи 942 КГ) ва баъзе дигар шартномаҳо қатъ мегардад.
$A) ҳамаи ҷавобҳо нодурустанд;
$B) 2-3;
$C) 1-2;
$D) 1,3;
$E) 1-3;

**@9.Асосҳои махсус барои фавтида эълон намудани шаҳрвандро муайян намоед:**
$A) дар давоми се сол маълум набудани ҷои истиқомати шаҳрванд;
$B) ҳамаи ҷавобҳо нодурустанд;
$C) дар давоми се сол маълум набудани ҷои истиқомати шаҳрванд. ғайриҳозирии шаҳрванд дар ҷараёни шаш моҳ, агар ӯ дар вазъияте бедарак ғоиб шуда бошад, ки хатари марг ба ҳаёташ таҳдид мекард ё

ба эҳтимоли аз фалокат вафот кардани ӯ асос медиҳад,  ғоибии шаҳрванди гумгашта вобаста ба амалиёти ҷангӣ дар ҷараёни як сол аз рӯзи ба охир расидани амалиёти ҷангӣ;
$D) чунин асосҳо мавҷуд нестанд;
$E) ғайриҳозирии шаҳрванд дар ҷараёни шаш моҳ, агар ӯ дар вазъияте бедарак ғоиб шуда бошад, ки хатари марг ба ҳаёташ таҳдид мекард ё ба эҳтимоли аз фалокат вафот кардани ӯ асос медиҳад, ғоибии шаҳрванди гумгашта вобаста ба амалиёти ҷангӣ дар ҷараёни як сол аз рӯзи ба охир расидани амалиёти ҷангӣ;

**@10.Баргардонидани молу мулки шахси вафотёфта эълонгардида, ки ҳозир шудааст, ба кадом омил алоқаманд аст?**
$A) оё молу мулк ба шахси сеюм музднок ё ройгон гузаштааст, оё бадастоварандаи молу мулк бовиҷдон буд ё на;
$B) оё молу мулк дар шакли асл нигоҳ дошта шудааст ё на, оё бадастоварандаи молу мулк бовиҷдон буд ё на, оё бадастоваранда медонист ё намедонист, ки шахси фавтида эълоншуда воқеан зинда мебошад, кадом молу мулк мавриди баҳс қарор дорад;
$C) ҳамаи ҷавобҳо нодурустанд;
$D) сарфи назар аз мӯҳлат ва ҳолати молу мулк он баргардонида мешавад;
$E) оё молу мулк ба шахси сеюм музднок ё ройгон гузаштааст, оё молу мулк дар шакли асл нигоҳ дошта шудааст ё на, оё бадастоварандаи молу мулк бовиҷдон буд ё на, оё бадастоваранда медонист ё намедонист, ки шахси фавтида эълоншуда воқеан зинда мебошад, кадом молу мулк мавриди баҳс қарор дорад;

**@11.Ба шахси ҳуқуқие, ки иштирокчиёнашон нисбати онҳо ҳуқуқи ӯҳдадорӣ доранд, инҳо дохил мешаванд:**
ширкату ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ.
кооперативҳои истеҳсолӣ ва матлубот.
корхонаҳои давлатӣ.
$A) 1-3;
$B) 2;
$C) 1,3;
$D) 1;
$E) 1-2;

**@12.Ба шахси ҳуқуқие, ки муассисони онҳо ба молу мулкашон ҳуқуқи моликият ё ҳуқуқи дигари молу мулкӣ доранд, инҳо дохил мешванд:**
1) корхонаҳои воҳид, аз ҷумла корхонаҳои фаръӣ.
2) муассисаҳое дохил мешаванд, ки аз ҷониби молик маблағгузорӣ мешаванд.
3) ширкат ва ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ.
4) кооперативҳои истеҳсолӣ.
$A) 1-4;
$B) 1-3;
$C) 2;
$D) 1;
$E) 1,2;

**@13.Ба шахси ҳуқуқие, ки муассисонашон (иштирокчиёнашон) нисбати онҳо ҳуқуқи молумулкӣ надоранд, инҳо дохил мешаванд:**
1) ташкилотҳои (иттиҳодияҳои) ҷамъиятӣ ва динӣ.
2) фондҳои хайрия ва фондҳои дигари ҷамъиятӣ,
3) иттиҳодияҳои шахси ҳуқуқӣ (ассотсиатсияҳо ва иттиҳодияҳо).
4) кооперативҳои истеҳсолӣ ва матлубот.
$A) 1-4;
$B) 2;
$C) 1,2;
$D) 1;
$E) 1-3;

**@14.Аз рӯи намуди фаъолият кадом намудҳои шахсони ҳуқуқиро медонед?**
$A) тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ;
$B) Ба намудҳои алоҳидаи фаъолияте, ки номгӯяшон тибқи қонун муайян карда шудааст, шахси ҳуқуқӣ метавонад танҳо дар асоси литсензия – иҷозатномаи махсуси мақомоти барои иҷозатномадиҳӣ ваколатдоршуда машғул шавад;
$C) чор намуди шахси ҳуқуқӣ;
$D) ҳамаи ҷавобҳо нодурустанд;

$E) Аз рӯи намуди фаъолият ду гурӯҳи шахсони ҳуқуқӣ ҷудо карда мешаванд. Яке аз онҳо ҳуқуқ дорад ба ҳама гуна намуди фаъолияти манъnакардаи қонун машғул шавад, мутаносибан мувофиқи муқаррароти пешбининамудаи қонун ва дигар санадҳои меъёрӣ дорои ҳама гуна ҳуқуқҳои гражданӣ ва ӯҳдадорӣ бошад. Дигар шахсони ҳуқуқӣ ҳақ доранд танҳо ба ҳамон фаъолияте машғул шаванд, ки дар ҳуҷҷатҳои таъсисии онҳо зикр шуда, ба мақсадҳои таъсисёбии онҳо мутобиқат менамоянд. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои граждании чунин шахсони ҳуқуқӣ бояд ба фаъолияти оинномавии онҳо мувофиқат намоянд, қобилияти ҳуқуқдории онҳо бояд хусусияти махсус (қобилияти ҳуқуқии махсус) дошта бошад;

**@15.Ҷавоби дурустро муайян намоед:**
$A) Қобилияти ҳуқуқдории шахси ҳуқуқӣ то лаҳзаи ташкили он, яъне то бақайдгирии давлатии он (қисми 2 моддаи 51 КГ) пайдо мешавад ва дар лаҳзаи ба охир расидани барҳамдиҳии он қатъ мегардад (қисми 8 моддаи 64 КГ);
$B) Қобилияти ҳуқуқдории шахси ҳуқуқӣ аз лаҳзаи ташкили он, яъне аз лаҳзаи бақайдгирии давлатии он (қисми 2 моддаи 51 КГ) пайдо мешавад;
$C) Қобилияти ҳуқуқдории шахси ҳуқуқӣ аз лаҳзаи ташкили он, яъне аз лаҳзаи қабули қарори муассисон дар хусуси ташкили шахси ҳуқуқӣ (қисми 2 моддаи 51 КГ) пайдо мешавад ва дар лаҳзаи ба охир расидани барҳамдиҳии он, баъди ворид намудани сабт ба феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ дар ин хусус қатъ мегардад (қисми 8 моддаи 64 КГ);
$D) ҳамаи ҷавобҳо нодурустанд;
$E) Қобилияти ҳуқуқдории шахси ҳуқуқӣ аз лаҳзаи ташкили он, яъне аз лаҳзаи бақайдгирии давлатии он (қисми 2 моддаи 51 КГ) пайдо мешавад ва дар лаҳзаи ба охир расидани барҳамдиҳии он, баъди ворид намудани сабт ба феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ дар ин хусус қатъ мегардад (қисми 8 моддаи 64 КГ);

**@16.Бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ чӣ гуна ба амал бароварда мешавад?**
$A) Бақайдгирии давлатӣ аз ҷониби мақомоти судї амалӣ гардонида мешавад;

$B) Бақайдгирии давлатӣ аз ҷониби мақомоти гумруки Љумњурии Тољикистон амалӣ гардонида мешавад;
$C) Бақайдгирии давлатӣ аз ҷониби мақомоти милитсия амалӣ гардонида намешавад;
$D) ҳамаи ҷавобҳо нодурустанд;
$E) Бақайдгирии давлатӣ аз ҷониби мақомоти судӣ амалӣ гардонида мешавад;

**@17.Ҷавобгарии ҳуқуқии гражданӣ чист?**
$A) ҷавобгарии ҳуқуқии гражданӣ шакли маҷбурнамоии давлатиро меноманд;
$B) ҷавобгарии ҳуқуқии гражданӣ шакли маҷбурнамоии давлатиро меноманд, ки дар татбиқи санксияҳои молумулкӣ нисбати ҳуқуқвайронкунанда аз ҷониби суд ифода меёбад;
$C) ҷавобгарии ҳуқуқии гражданӣ шакли маҷбурнамоии давлатӣ ва ҷамъиятиро меноманд;
$D) ҳамаи ҷавобҳо нодурустанд;
$E) ҷавобгарии ҳуқуқии гражданӣ шакли маҷбурнамоии давлатиро меноманд, ки дар татбиқи санксияҳои молумулкӣ нисбати ҳуқуқвайронкунанда аз ҷониби суд ифода меёбад, ки дар натиҷа ба ҳукуқвайронкунанда оқибати номусоиди молумулкӣ фаро расида, зарари ба ҷабрдида расида барқарор карда мешавад;

**@18.Ҳуқуқи моликият чист?**
$A) Ин ҳуқуқи субйективии соҳибмулк аст;
$B) Ин яке аз падидаҳои ҳуқуқи гражданӣ аст;
$C) Ин ҳуқуқи қонунан эътирофшуда ва ҳифзшавандаи субйект оид ба тибқи салоҳдиди худ ихтиёрдорӣ намудани молумулкаш мебошад;
$D) Ин ҳуқуқи қонунан эътирофшуда ва ҳифзшавандаи субйект оид ба тибқи салоҳдиди худ соҳибӣ намудани молумулкаш мебошад;
$E) Ин ҳуқуқи қонунан эътирофшуда ва ҳифзшавандаи субйект оид ба тибқи салоҳдиди худ соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ намудани молумулкаш мебошад;

**@19.Ваколатҳои соҳибмулкро муайян кунед:**
$A) Ҳуқуқи харидан, фурӯхтан, ҳадя кардан ва ба иҷора додани молумулк;
$B) Ҳуқуқи истифода кардани молумулк;

$C) Ҳуқуқи соҳибӣ, истифода, ихтиёрдорӣ, ҳифз ва гирифтани самараю даромад;
$D) Ҳуқуқи соҳибӣ;
$E) Ҳуқуқи соҳибӣ, истифода, ихтиёрдорӣ;

**@20.Ҳуқуқи ихтиёрдорӣ чист?**
$A) Ин фурӯхтан, несту нобуд кардан, ҳадя кардан ва ба иҷора додани ашё аст;
$B) Ин ба даст овардани хосияти фоиданоки ашё аст;
$C) Ин имконияти бо қонун таъминшудаи воқеан соҳибмулк эътироф шудан аст;
$D) Ин ваколати бегона кардани молумулк аст;
$E) Ин ваколати муайян кардани тақдири ҳуқуқии молумулк аст;

**@21.Хусусияти ҷавобгарии ҳукуқии гражданӣ:**
$A) ҷавобгарии ҳуқуқии гражданӣ табиати ҷубронӣ дорад;
$B) ҷавобгарии ҳуқуқии гражданӣ табиати шахсӣ дорад;
$C) ҷавобгарии ҳуқуқии гражданӣ табиати молумулкӣ дорад;
$D) ҳамаи ҷавобҳо нодурустанд;
$E) ҷавобгарии ҳуқуқии гражданӣ табиати ҷубронӣ дорад. Мақсади он дорошавии беасос нест. Гаронии молумулкӣ бояд ба андозаи зарар мувофиқ ояд;

**@22.Шакли ҷавобгарии ҳукуқии гражданӣ чист?**
$A) шакли ҷавобгарии ҳуқуқии гражданӣ гуфта, он чораҳоеро меноманд, ки ҳуқуқвайронкунанда бояд ба онҳо тоб орад (ҷуброни зарар, маҳрум шудан аз ҳукуқи махсус ва ғайра);
$B) шакли ҷавобгарии ҳуқуқии гражданӣ гуфта, оқибатҳои нохуши молумулкӣ ва шахсиеро меноманд;
$C) дар байни ҷавобҳо ду варианти дуруст мавҷуд аст;
$D) ҳамаи ҷавобҳо нодурустанд;
$E) шакли ҷавобгарии ҳуқуқии гражданӣ гуфта, он оқибатҳои нохуши молумулкиеро меноманд, ки ба зиммаи ҳуқуқвайронкунанда гузошта мешавад;

**@23.Вобаста ба фарорасии оқибати зарар кадом намудҳои ҷавобгарии ҳукуқии гражданиро медонед?**
$A) 1) ҷавобгарии шартномавӣ, 2) ҷавобгарии ғайришартномавӣ;

$B) 1) ҷавобгарии солидарӣ, 2) ҷавобгарии якҷоя,3) ҷавобгарии иловагӣ;
$C) дар байни ҷавобҳо ду варианти дуруст мавҷуд аст;
$D) ҳамаи ҷавобҳо нодурустанд;
$E) 1) ҷавобгарӣ барои зарари молумулкӣ, 2) ҷавобгарӣ барои зарари маънавӣ;

**@24.Ҷавобгарии молумулкӣ ба кадом намудҳо ҷудо мешавад?**
$A) 1) ҷавобгарӣ барои зарари молумулкӣ, 2) ҷавобгарӣ барои зарари маънавӣ;
$B) 1) ҷавобгарии солидарӣ, 2) ҷавобгарии якҷоя, 3) ҷавобгарии иловагӣ;
$C) дар байни ҷавобҳо ду варианти дуруст мавҷуд аст;
$D) ҳамаи ҷавобҳо нодурустанд;
$E) 1) ҷавобгарии шартномавӣ, 2) ҷавобгарии ғайришартномавӣ;

**@25.Вобаста ба шумораи шахсони ӯҳдадор кадом намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқии граждaниро медонед?**
$A) 1) ҷавобгарӣ барои зарари молумулкӣ, 2) ҷавобгарӣ барои зарари маънавӣ;
$B) 1) ҷавобгарии шартномавӣ, 2) ҷавобгарии ғайришартномавӣ,
$C) дар байни ҷавобҳо ду варианти дуруст мавҷуд аст;
$D) ҳамаи ҷавобҳо нодурустанд;
$E) 1) ҷавобгарии солидарӣ, 2) ҷавобгарии якҷоя, 3) ҷавобгарии иловагӣ;

**@26.Мӯҳлати ҳукуқи моликият чӣ қадар аст?**
$A) Се сол аст;
$B) Агар молумулки манқул бошад – панҷ сол, ғайриманқул – понздаҳ сол;
$C) Агар молумулкро тибқи асосҳои муштоқ ба даст оварда бошад, бемӯҳлат аст;
$D) Агар молумулкро тибқи асосҳои аввалиндараҷа ба даст оварда бошад, бемӯҳлат аст;
$E) Бемӯҳлат аст;

**@27.Ҷавоби дуруст ва пурраро муайян намоед:**

$A) ҷавобгарии иловагӣ нисбати ҷавобгарие, ки ҳуқуқвайронкунандаи асосӣ дар назди ҷабрдида мебарад, иловагӣ буда, фақат ҳангоми дар ӯҳдадорӣ иштирок намудани ду қарздор, яке аз он ки асосӣ мебошад ва дигаре иловагӣ, имкон дорад;
$B) ҷавобгарии иловагӣ љой надорад;
$C) ҷавобгарии иловагӣ нисбати ҷавобгарие, ки ҳуқуқвайронкунандаи асосӣ дар назди ҷабрдида мебарад, асосї мебошад;
$D) ҷавобгарии иловагӣ нисбати ҷавобгарие, ки ҳуқуқвайронкунандаи асосӣ дар назди ҷабрдида мебарад, пурракунанда мебошад;
$E) ҷавобгарии иловагӣ нисбати ҷавобгарие, ки ҳуқуқвайронкунандаи асосӣ дар назди ҷабрдида мебарад, иловагӣ буда, фақат ҳангоми дар ӯҳдадорӣ иштирок намудани ду қарздор, яке аз он ки асосӣ мебошад ва дигаре иловагӣ, имкон дорад. Вай илова ба ҷавобгарии ҳуқуқвайронкунанда буда, ҳифзи манфиатхои ҷабрдидаро пурзӯр менамояд. Ҳатто шахсе, ки ҷавобгарии иловагйро ба зимма дорад, ҳатмӣ нест, ки зараррасонандаи молумулкии ҷабрдида бошад ва дар бисёр ҳолатҳо ягон ҳел ҳуқуқвайронкунӣ содир наменамояд. Махз дар ҳамин функсияи ҷуброннамоии ҷавобгарии ҳуқуқии граждани ифода меёбад;

**@28.Ҷавоби дуруст ва мувофиқро муайян намоед:**
$A) аз ҷавобгарии иловагӣ зарур аст ҷавобгарии қарздорро барои амали шахсони сеюм фарқ намуд;
$B) аз ҷавобгарии иловагӣ зарур аст ҷавобгарии қарздорро барои амали шахсони сеюм фарқ намуд. Ҷунин ҷавобгарӣ дар ҳолатҳое ҷой дошта метавонад, ки иҷрои ӯҳдадорӣ аз тарафи қарздор ба зиммаи шахсони сеюм гузошта нашуда бошад;
$C) Дар фарқият аз қарздори иловагӣ шахси сеюм бо кредитор дар муносибатҳои ҳукуки граждани мебошад;
$D) Дар фарқият аз қарздори иловагӣ шахси сеюм бо кредитор дар муносибатҳои ҳукуки граждани намебошад ва амали ӯ амали қонунӣ нест;
$E) аз ҷавобгарии иловагӣ зарур аст ҷавобгарии қарздорро барои амали шахсони сеюм фарқ намуд. Ҷунин ҷавобгарӣ дар ҳолатҳое ҷой дошта метавонад, ки иҷрои ӯҳдадорӣ аз тарафи қарздор ба зиммаи шахсони сеюм гузошта шуда бошад. Дар фарқият аз қарздори иловагӣ шахси сеюм бо кредитор дар муносибатҳои ҳукуки граждани намебошад;

**@29.Кадом шаклҳои моликиятро медонед?**
$A) Хусусӣ, оммавӣ ва ҷамъиятӣ;
$B) Шахсӣ ва оммавӣ;
$C) Шакли моликият мафҳуми иқтисодӣ аст ва дар ҳуқуқ истифода намешавад;
$D) Моликияти шаҳрвандон, шахсони ҳуқуқӣ ва давлат;
$E) Хусусӣ ва оммавӣ;

**@30.Кадом шакли махсуси моликияти хусусиро медонед?**
$A) Моликияти шахсони ҳуқуқӣ;
$B) Моликияти шахсони ҳуқуқии давлатӣ;
$C) Моликияти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
$D) Моликияти истисноии давлатӣ;
$E) Моликияти ҷамъиятӣ;

**@31.Мафҳуми гуноҳро дар муносибатҳои ҳукуқии гражданӣ тавсиф диҳед:**
$A) ин муносибати рӯҳии шахс нисбат ба рафтори худ ва зарари ба вуҷуд омада мебошад;
$B) гуноҳ дар ҳукуқи гражданӣ мавҷуд нест, чунки шахс сарфи назар аз гуноҳ низ ба ҷавобгарӣ кашида мешавад;
$C) гуноҳ ин заминаи субъективии ҷавобгарии ҳуқуқии гражданӣ буда, дар муносибати рӯҳии шахс нисбат ба рафтор ва оқибати ба вуҷуд омада ифода меёбад;
$D) гуноҳ дар ҳуқуқи гражданӣ ҳамчун андешидани чораҳои имкони объективӣ оид ба бартараф намудан ё роҳ надодан ба натиҷаи манфии амали худ, ки ҳолатҳои алоҳидаи муайян талаб менамояд, фаҳмида мешавад;
$E) гуноҳ дар ҳуқуқи гражданӣ на ҳамчун муносибати субъективии рӯҳии шахс ба рафтори худ баҳо додашуда, балки ҳамчун надидани чораҳои имкони объективӣ оид ба бартараф намудан ё роҳ надодан ба натиҷаи манфии амали худ, ки ҳолатҳои алоҳидаи муайян талаб менамояд, фаҳмида мешавад;

**@32.Арзиши молумулке, ки шаҳрвандон тибқи ҳуқуқи моликияти хусусӣ дошта метавонанд, чӣ қадар аст?**
$A) То як миллион сомонӣ;

$B) Бемаҳдудият, ба ғайр аз хонаи истиқоматӣ;
$C) Андозаи онро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад;
$D) Андозаи онро мақомоти андоз муайян мекунад;
$E) Бемаҳдудият;

**@33.Кадом намудҳои моликияти давлатиро медонед?**
$A) Моликияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, моликияти воҳидҳои марзию маъмурӣ ва маҳаллӣ;
$B) Моликияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва маҳаллӣ;
$C) Моликияти давлатӣ ягона аст ва ба намудҳо ҷудо намешавад;
$D) Моликияти истисноӣ ва ғайриистисноӣ;
$E) Моликияти ҷумҳуриявӣ ва коммуналӣ;

**@34.Зиён дар ҳуқуқи гражданӣ:**
$A) дар зери мафҳуми зиён хароҷоти масраф намудаи шахси ҳуқуқаш вайронгардида, фаҳмида мешавад;
$B) хароҷоте ки шахс бояд барои барқарор намудани ҳуқуқи вайронгардида масраф намояд;
$C) аз даст рафтан ё хароб гардидани молу мулки шахс фаҳмида мешавад;
$D) даромади ба даст омадае, ки ин шахс, агар ҳуқуқаш вайрон намегардид, дар шароити муқаррарии муомилоти гражданӣ метавонист ба даст оварад (фоидаи аз даст рафта) фаҳмида мешавад;
$E) дар зери мафҳуми зиён хароҷоти масраф намудаи шахси ҳуқуқаш вайронгардида, хароҷоте ки он бояд барои барқарор намудани ҳуқуқи вайронгардида масраф намояд, аз даст рафтан ё хароб гардидани молу мулки ӯ (зиёни воқеӣ) , инчунин даромади ба даст наомадае, ки ин шахс, агар ҳуқуқаш вайрон намегардид, дар шароити муқаррарии муомилоти гражданӣ метавонист ба даст оварад (фоидаи аз даст рафта) фаҳмида мешавад;

**@35.Ҳимояи ҳукуқҳои гражданӣ чист?**
$A) маҷмӯи чораҳое, ки ҳангоми вайрон гаштани ҳуқуқҳои гражданӣ равона гаштаанд, ҳимояи ҳуқуқҳои гражданӣ номида мешавад;
$B) Њамаи љавобњо нодурустанд;

$C) маҷмӯи чораҳое, ки ҳангоми мавриди баҳс қарор ёфтани ҳуқуқҳои граждани барои барқарорсозӣ равона гаштаанд, ҳимояи ҳуқуқҳои гражданӣ номида мешавад;
$D) маҷмӯи чораҳое, ки барои муҳофизати манфиатҳои бо қонун ҳифзшаванда равона гаштаанд, ҳимояи ҳуқуқҳои гражданӣ номида мешавад;
$E) маҷмӯи чораҳое, ки ҳангоми вайрон гаштан ё мавриди баҳс қарор ёфтани ҳуқуқҳои гражданӣ барои барқарорсозӣ ё эътирофи онҳо, инчунин муҳофизати манфиатҳои бо қонун ҳифзшаванда равона гаштаанд, ҳимояи ҳуқуқҳои гражданӣ номида мешавад;

**@36.Фаҳмиши васеи ҳифзи ҳукуқҳои гражданӣ:**
$A) мачмӯи чораҳоеро, ки баҳри таъмини раванди мӯътадили муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ равона гардидаанд, дар бар мегирад;
$B) Њамаи љавобњо нодурустанд;
$C) мачмӯи чораҳоеро, ки ҳангоми халалдор шудани ин раванд барои барқарор нанамудани ҳуқуқу манфиатҳои вайроншуда ва баҳсҳо равона гардидаанд, дар бар мегирад;
$D) танҳо он чораҳои мушаххасеро дар назар дорад, ки татбиқи онҳо имконият медиҳад, ки ҳуқуқу манфиатҳои вайроннагардида ё мавриди баҳс қароргирифта эътироф карда шаванд;
$E) мачмӯи чораҳоеро, ки баҳри таъмини раванди мӯътадили муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ ва ҳангоми халалдор шудани ин раванд барои барқарор намудани ҳуқуқу манфиатҳои вайроншуда ва баҳсҳо равона гардидаанд, дар бар мегирад;

**@37.Фаҳмиши маҳдуди ҳифзи ҳукуқҳои гражданӣ:**
$A) мачмӯи чораҳоеро, ки баҳри таъмини раванди мӯътадили муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ равона гардидаанд, дар бар мегирад;
$B) мачмӯи чораҳоеро, ки ҳангоми халалдор шудани ин раванд барои барқарор намудани ҳуқуқу манфиатҳои вайроншуда ва баҳсҳо равона гардидаанд, дар бар мегирад;
$C) мачмӯи чораҳоеро, ки барои барқарор нанамудани ҳуқуқу манфиатҳои вайроншуда ва баҳсҳо равона гардидаанд, дар бар мегирад;
$D) танҳо он чораҳои мушаххасеро дар назар дорад, ки татбиқи онҳо имконият медиҳад, ки ҳуқуқу манфиатҳои вайроннагардида эътироф карда шаванд;

$E) танҳо он чораҳои мушаххасеро дар назар дорад, ки татбиқи онҳо имконият медиҳад, ки ҳуқуқу манфиатҳои вайронгардидида ё мавриди баҳс қароргирифта эътироф карда шаванд;

**@38.Шаклҳои ҳимояи ҳукуқҳои гражданӣ чист?**
$A) Дар байни љавобњо ду варианти дуруст мављуд аст;
$B) шаклҳои ҳимояи ҳуқуқ гуфта, тартиби мурофиавии ба амал баровардани тарзҳои ҳимояи ҳуқуқҳоро меноманд;
$C) Њамаи љавобњо нодурустанд;
$D) чораҳои ҳуқуқии моддиеро меноманд, ки хусусияти маҷбурнамоӣ дошта, тавассути онҳо ҳуқуқҳои вайронгашта (баҳсшаванда) барқарор (эътироф) мешаванд ва ба ҳуқуқвайронкунанда таъсир расонида мешавад;
$E) шаклҳои ҳимояи ҳуқуқ гуфта, тартиби мурофиавӣ ва расмиётии ба амал баровардани тарзҳои ҳимояи ҳуқуқҳоро меноманд, ки аз маҷмӯи чораҳои муташаккил иборат аст;

**@39.Тарзҳои ҳимояи ҳукуқҳои гражданӣ чист?**
$A) тартиби расмиётии ба амал баровардани тарзҳои ҳимояи ҳуқуқҳоро меноманд, ки аз маҷмӯи чораҳои муташаккил иборат аст;
$B) тартиби мурофиавии ба амал баровардани тарзҳои ҳимояи ҳуқуқҳоро меноманд, ки аз маҷмӯи чораҳои муташаккил иборат аст;
$C) Њамаи љавобњо нодурустанд;
$D) чораҳои ҳуқуқии моддиеро меноманд, ки хусусияти њавасмангардонї доранд;
$E) чораҳои ҳуқуқии моддиеро меноманд, ки хусусияти маҷбурнамоӣ дошта, тавассути онҳо ҳуқуқҳои вайронгашта (баҳсшаванда) барқарор (эътироф) мешаванд ва ба ҳуқуқвайронкунанда таъсир расонида мешавад;

**@40.Эътирофи ҳуқуқ чист?**
$A) Њамаи љавобњо нодурустанд;
$B) воситаи ягона бартарафсозандаи номуайяниҳо дар истифодаи ҳуқуқҳои субъективи ба шумор меравад;
$C) эътирофи хукуқ ҳамчун тарзи ҳифзи ҳуқуқҳои гражданӣ бо тартиби юрисдиксионӣ татбиқ мегардад;
$D) Дар байни љавобњо ду варианти дуруст мављуд аст;

$E) эътирофи хукуқ ҳамчун тарзи ҳифзи ҳуқуқҳои граждани̅ бо тартиби юрисдиксиони̅ татбиқ гардида, воситаи муҳими бартарафсозандаи номуайяниҳо дар истифодаи ҳуқуқҳои субъективи ба шумор меравад;

**@41.Дар кадом ҳолатҳо зарурати эътирофи ҳуқуқ ба вуҷуд меояд?**
$A) эътирофи хукуқ ҳамчун тарзи ҳифзи ҳуқуқҳои граждани̅ бо тартиби юрисдиксиони̅ татбиқ гардида, воситаи ягона бартарафсозандаи номуайяниҳо дар истифодаи ҳуқуқҳои субъективи ба шумор меравад;
$B) дар мавридҳое, ки мавҷудияти ҳуқуқи субъективии муайяни шахс зери шубҳа гирифта мешавад;
$C) дар мавридҳое, ки ҳукуқи субъективи̅ поймол карда мешавад ё мавриди баҳс қарор мегирад;
$D) дар мавридҳое, ки ҳукуқи моликияти ба ягон кас тааллуқ надорад;
$E) дар мавридҳое, ки мавҷудияти ҳуқуқи субъективии муайяни шахс зери шубҳа гирифта мешавад, яъне ҳуқуқи субъективи̅ мавриди баҳс қарор мегардад, ҳуқуқи субйективи̅ инкор мешавад, ё ин ки тахдиди чунин амалҳо ҷой дорад;

**@42.Барқарор намудани вазъе, ки то вайрон гардидани хуқуқ ҷой дошт, дар кадмо маврид татбиқ мешавад?**
$A) Дар байни љавобњо ду варианти дуруст мављуд аст;
$B) агар ҳуқуқи вайроншуда дар натиҷаи ҳуқуқвайронкуни̅ мавҷудияти худро қатъ гардонад;
$C) тарзи номбаршудаи хифз дар ҳолатҳое татбиқ мегардад, ки агар ҳуқуқи вайроншуда дар натиҷаи ҳуқуқвайронкуни̅ мавҷудияти худро қатъ нагардонад ва бо роҳи бартараф намудани оқибатҳои ҳуқуқвайронкуни̅ барқарор намудани ин ҳуқуқ воқеан мумкин бошад;
$D) тарзи номбаршудаи хифз дар ҳолатҳое татбиқ мегардад, ки агар ҳуқуқи вайроншуда дар натиҷаи ҳуқуқвайронкуни̅ мавҷудияти худро қатъ нагардонад ва бо роҳи бартараф намудани оқибатҳои ҳуқуқвайронкуни̅ барқарор нанамудани ин ҳуқуқ воқеан мумкин бошад;
$E) Њамаи љавобњо нодурустанд;

**@43.Ҷуброни зиёни маънави̅ чист?**
$A) Дар байни љавобњо ду варианти дуруст мављуд аст;

$B) ҷуброни зиёни маънавӣ ҳамчун тарзи ҳифзи ҳуқуқҳои гражданӣ эътироф нашудааст;
$C) Њамаи љавобњо нодурустанд;
$D) ҷуброни зиёни маънавӣ ҳамчун тарзи ҳифзи ҳуқуқҳои гражданӣ ба зиммаи ҳуқуқвайронкунанда вогузоштани ӯҳдадориро оид ба ҷабрдида пардохтани ҷуброни молумулкӣ барои расонидани азоб пешбинӣ менамояд;
$E) ҷуброни зиёни маънавӣ ҳамчун тарзи ҳифзи ҳуқуқҳои гражданӣ ба зиммаи ҳуқуқвайронкунанда вогузоштани ӯҳдадориро оид ба ҷабрдида пардохтани ҷуброни пулӣ барои расонидани азоб ва шиканҷаи ҷисмонию рӯҳӣ пешбинӣ менамояд;

**@44.Сохтмони худсарона чист?**
$A) Сохтмони молумулкест, ки бидуни иҷозат ё ба таври назаррас вайрон кардани меъёру қоидаҳои бинокорӣ бунёд шудааст;
$B) Сохтмони ғайриқонунии молумулки ғайриманқул аст;
$C) Сохтмони молумулки ғайриманқуле мебошад, ки дар қитъаи замини мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи қонун ва дигар санади ҳуқуқӣ барои чунин мақсад ҷудонашуда бунёд шудааст;
$D) Ҳама гуна сохтмоне, ки бе сертификати ҳукуки истиофдаи замин бунёд шудааст;
$E) Сохтмони молумулки ғайриманқуле мебошад, ки дар қитъаи замини мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи қонун ва дигар санади ҳуқуқӣ барои чунин мақсад ҷудонашуда ё бидуни гирифтани иҷозати зарурӣ ё ба таври назаррас вайрон кардани меъёру қоидаҳои шаҳрсозӣ ва бинокорӣ бунёд шудааст;

**@45.Ҷавоби дурусти зикргардидаро муайян намоед:**
$A) Њамаи љавобњо нодурустанд;
$B) чораҳои ҳифз баҳри пешгирӣ ё қатъ намудани ҳуқуқвайронкунӣ равона гардидаанд;
$C) Дар байни љавобњо ду варианти дуруст мављуд аст;
$D) чораҳои ҳифз баҳри пешгирӣ ё қатъ намудани ҳуқуқвайронкунӣ ва агар он ба вуқӯъ омада бошад, барои барқарор намудани вазъи то вуқӯи ҳуқуқвайронкунӣ вуҷуддошта равона гардидаанд;
$E) чораҳои ҳифз баҳри пешгирӣ ё қатъ намудани ҳуқуқвайронкунӣ ва агар он ба вуқӯъ омада бошад, барои барқарор намудани вазъи то вуқӯи ҳуқуқвайронкунӣ вуҷуддошта равона гардида, новобаста аз

гуноҳи вайронкунандаи ҳуқуқ низ метавонанд истифода шаванд. Эътирофи ҳуқуқ, беэътибор донистани аҳдҳои баҳснок, барқарор намудани вазъе, ки то вайрон гардидани ҳуқуқ ҷой дошт ва пешгирӣ намудани амалҳое, ки ҳуқуқро вайрон мекунанд ва ғ. чораҳои ҳифз мебошанд;

**@46.Шахсе, ки дар замини бегона худсарона иморат сохтааст, нисбати он ҳуқуқи моликият пайдо карда метавонад?**
$A) Наметавонад, чунки сохтмон худсарона аст;
$B) Наметавонад, чунки дар замини бегона сохта шудааст;
$C) Метавонад, ба шарте замини зери онро харад;
$D) Метавонад, ба шарте ҷуброни зарарро пардохт намояд;
$E) Ин масъаларо суд бо риояи шартҳои муқарраркардаи қонун ҳал менамояд;

**@47.Мафҳуми ҳукуқи гражданиро муайян намоед:**
$A) Дар байни љавобњо ду варианти дуруст мављуд аст;
$B) Ҳуқуқи гражданӣ гуфта, маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқиро меноманд, ки муносибатҳои молумулкӣ ро ба танзим медарорад;
$C) Ҳуқуқи гражданӣ гуфта, маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқиро меноманд, ки муносибатҳои байнидавлатиро, ки элементи хориҷӣ доранд ба танзим медарорад;
$D) Маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқие, ки муносибатҳои молу мулкӣ, хусусӣ ва муносибатҳоеро, ки дар натиҷаи фаъолияти соҳибкорӣ ба вуҷуд меоянд ба танзим медарорад;
$E) Ҳуқуқи гражданӣ гуфта, маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқиеро меноманд, ки муносибатҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкии марбут ба онҳоро, ки ба баробарӣ, мухторияти хоҳишу ирода ва мустақилияти молумулкии иштирокчиёнашон асос ёфтааст, танзим менамояд;

**@48.Хусусиятҳои усули ҳуқуқи гражданӣ кадомҳоянд?**
$A) Баробарии тарафҳои шартнома, мухторияти иродаи иштирокчиён, баробарии ҳама дар назди қонун ва суд;
$B) Усули иҷозатӣ, ҳаволакунанда, дар тобеияти якдигар қарор доштани иштирокчиёни муносибатҳои гаржданӣ;
$C) Баробарии тарафҳо, мухторияти иродаи тарафҳо, мустақилияти воқеии иштирокчиён, ҳимояи ҳуқуқҳои гражданӣ, иҷозат додан барои дар ҳамаи ҳолатҳо яктарафа тағйир додан ва бекор кардани

шартнома, хислати молумулкӣ доштани ҷавобгарии ҳуқуқии гражданӣи тарафҳо;
$D) Усули диспозитивӣ ва императивӣ;
$E) Баробарии ҳуқуқии тарафҳо, мухторияти иродаи тарафҳо, мустақилияти молумулкии тарафҳо, ҳимояи ҳуқуқҳои гражданӣ, хислати молумулкӣ доштани ҷавобгарии ҳуқуқии граждании тарафҳо;

**@49.Принсипҳои ҳуқуқи гражданиро номбар кунед:**
$A) Принсипҳои умумиҳуқуқӣ, байнисоҳавӣ, соҳавӣ, дохилисоҳавӣ ва ғайра;
$B) Принсипҳои ҳуқуқи гражданӣ гуфта, асосҳо ва ғояҳоеро меноманд, ки моҳияти ҳуқуқи гражданиро ифода карда, дар қонунгузории гражданӣ мустаҳкам гаштааст;
$C) Принсипҳои дахлнопазирии моликият, озодии шартнома, номумкин будани дахолати худсаронаи ҳар касе ба корҳои хусусӣ, баробарӣ дар назди қонун, ногузир будани ҷавобгарӣ;
$D) Принсипҳои адолат, мардумсолорӣ (демократизм) , қонуният, башардӯстӣ, дахлнопазирии моликият, озодии шартнома;
$E) Принсипҳои дахлнопазирии моликият, озодии шартнома, номумкин будани дахолати худсаронаи ҳар касе ба корҳои хусусӣ, зарурати татбиқи бемонеаи ҳуқуқи гражданӣ, таъмини барқарор намудани ҳуқуқи вайронгардидаи гражданӣ ва ҳифзи судии онҳо;

**@50.Ҳуқуқи гражданӣ кадом муносибатҳоро ба танзим медарорад?**
$A) Муносибатҳои молу мулкӣ, шахсии ғайримолумулкӣ, давлатӣ ва ҷамъиятиро;
$B) Дар байни љавобњо ду варианти дуруст мављуд аст;
$C) Муносибатҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкии байни субйектони муносибатҳои меҳнатӣ ва гумрукӣ ба вуҷуд омадаро;
$D) Муносибатҳои молу мулки ва шахсии ғайримолумулкиеро, ки ба мухторияти ирода ва тобеияти тарафҳо асос ёфта, вазъи ҳуқуқии шаҳрвандонро муқаррар мекунад;
$E) Муносибатҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкӣ;

**@51.Ҳуқуқҳои гражданӣ бо кадом мақсад ва дар асоси чӣ маҳдуд карда мешавад?**

$A) Дар асоси моддаи 14 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон;
$B) Бо мақсади ҳифзи маънавиёт, тандурустӣ, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахси дигар, таъмини амнияти ҷомеа ва давлат, ҳифзи муҳити зист дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
$C) Ҳуқуқҳои гражданиро маҳдуд кардан мумкин нест;
$D) Бо мақсади таъмини амнияти миллӣ ва ҳифзи муҳити зист;
$E) Бо мақсади ҳифзи маънавиёт, тандурустӣ, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахси дигар, таъмини амнияти ҷомеа ва давлат, ҳифзи муҳити зист дар асоси қонун;

**@52.Функсияҳои асосии ҳуқуқи гражданӣ кадомҳоянд?**
$A) Ҳифзи ҳуқуқ ва манфиати иштирокчиёни аҳдҳои гражданӣ ва волоияти қонун;
$B) Ҳамаи ҷавобҳо дуруст аст;
$C) Танзимкунӣ, ҳифзкунӣ, идоракунӣ ва муқарраркунӣ;
$D) Ҳуқуқи гражданӣ дорои мавзӯъ, усул, сарчашма ва принсипҳо аст, вале функсия надорад;
$E) Танзимкунӣ ва ҳифзкунӣ;

**@53.Ба зерсоҳаҳои ҳуқуқи гражданӣ дохил мешавад:**
$A) Шартномаҳо, аҳдҳо, ҳуқуқи моликият, ҳуқуқи мерос;
$B) Ҳуқуқи оила, ҳуқуқи хусусии байналмилалӣ, ҳуқуқи экологӣ, ҳуқуқи манзил;
$C) Кодекси гражданӣ аз се қисм иборат аст;
$D) Ҳуқуқи гражданӣ аз қисми умумӣ ва қисми махсус иборат аст;
$E) Ҳуқуқи молумулкӣ, ҳуқуқи ӯҳдадорӣ, неъматҳои шахсии ғайримоддӣ, ҳуқуқи молкияти зеҳнӣ, ҳуқуқи мерос;

**@54.Таҳти усули илми ҳуқуқи гражданӣ чиро мефаҳмед?**
$A) Тарзу воситаҳоеро, ки ба воситаҳои онҳо меъёрҳои ҳуқуқи гражданӣ рафтори иштирокчиёни муносибатҳои гражданиро ба танзим медароранд;
$B) Усулҳоеро, ки характери иҷозатӣ, диспозитивӣ ва императивӣ доранд;
$C) Маҷмӯи тарзу воситаҳеро, ки тавассути онҳо ба муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ таъсир расонида мешавад;

$D) Усулҳоеро, ки характери мантиқии шаклӣ, таърихӣ, муқоисавӣ, оморӣ ва сотсиологӣ доранд;
$E) Тарзу воситаҳоеро, ки барои таҳлил ва дарки мавзӯи ҳуқуқи гражданӣ истифода мешаванд;

**@55.Илми ҳуқуқи гражданӣ чист?**
$A) Илми ҳуқуқи гражданӣ гуфта, маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқиеро меноманд, ки муносибатҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкии марбут ба онҳоро, ки ба баробарӣ, мухторияти хоҳишу ирода ва мустақилияти молумулкии иштирокчиёнашон асос ёфтааст, танзим менамояд;
$B) Илми ҳуқуқи гражданӣ гуфта, муносибатҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкиро меноманд;
$C) Ин маҷмӯи акидаҳои илмӣ оид ба моҳияти муносибатҳои ҳуқуқӣ аст;
$D) Илми ҳуқуқи гражданӣ гуфта, маҷмӯи ақидаҳои илмӣ, ғояҳо, донишҳо ва мавқею нуқтаҳои назарро оид ба падидаҳои ҳуқуқии гражданӣ, инкишофи онҳо ва дигар масъалаҳои марбутаро меноманд, ки ба донишҷӯён тадрис мешавад;
$E) Илми ҳуқуқи гражданӣ гуфта, маҷмӯи ақидаҳои илмӣ, ғояҳо, донишҳо ва мавқею нуқтаҳои назарро оид ба падидаҳои ҳуқуқии гражданӣ, инкишофи онҳо ва дигар масъалаҳои марбутаро меноманд;

**@56.Ҳуқуқи гражданӣ ҳамчун фанни таълимӣ чиро ифода мекунад?**
$A) Маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқиеро, ки муносибатҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкии марбут ба онҳоро, ки ба баробарӣ, мухторияти хоҳишу ирода ва мустақилияти молумулкии иштирокчиёнашон асос ёфтааст, танзим менамояд;
$B) Ҳуқуқи гражданӣ фанни таълими нест;
$C) Маҷмӯи донишҳои мураттаб ва дар шакли хулоса пешкашшавандаи олимони соҳаи ҳуқуқи гражданиро, ки асосгузорӣ илми ҳуқуқи гражданӣ мебошанд;
$D) Маҷмӯи донишҳои мураттаб ва дар шакли хулоса пешкашшаванда доир ба муносибатҳое, ки байни субйектони ҷамъият ба вуҷуд омада бо меъёрҳои ҳуқуқи гражданӣ ба танзим даровarda мешавад;

$E) Маҷмӯи донишҳои мураттаб ва дар шакли хулоса пешкашшавандаро доир ба падидаҳои ҳуқуқи гражданӣ, ки дар доираи барномаи таълимӣ ба донишҷӯён тадрис мешавад;

**@57.Сарчашмаҳои ҳуқуқи граждaниро вобаста ба қувваи ҳуқуқиашон тасниф намоед:**
$A) Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар кодексҳо, қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳо, санадҳои зерқонунӣ, санадҳои судӣ, қарори маҷлиси вакилони халқи ноҳия, анъанаҳои муомилоти корӣ;
$B) Қонун ва санадҳои зерқонунӣ, созишномаҳои байналмилалӣ, кодексҳо, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармони Вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
$C) Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои конститутсионӣ, дигар санадҳои меъёрӣ, шартнома ва аҳдҳо;
$D) Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳо, кодексҳо, санадҳои зерқонунӣ, санадҳои судӣ, анъанаҳои муомилоти корӣ, қарори маҷлиси вакилони халқи ноҳия;
$E) Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳое, ки бо роҳи раъйпурсӣ қабул карда мешаванд, санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, қонунҳои конститутсионӣ, кодексҳо, қонунҳо, санадҳои зерқонунӣ, анъанаҳои муомилоти корӣ;

**@58.Амали қонунгузории гражданӣ вобаста ба замон чӣ гуна аст?**
$A) Қонунгузории гражданӣ вақте қувваи бозгашт дорад, ки вазъи ҳуқуқии тарафҳоро беҳтар кунад;
$B) Қонунгузории гражданӣ қувваи бозгашт надорад ва дар сурате нисбати муносибатҳои то ҷорӣ намудани он ба миён омада татбиқ мегардад, ки агар ин бевосита дар шартнома пешбинӣ шуда бошад;
$C) Қонунгузории гражданӣ қувваи бозгашт дошта, нисбати тамоми муносибатҳое, ки то ҷорӣ кардани онҳо ба миён омадаанд бевосита татбиқ мегардад;
$D) Қонунгузории гражданӣ қувваи бозгашт надошта, танҳо ба он муносибатҳое татбиқ мегардад, ки пас аз ҷорӣ намудани он ба миён омадаанд;

$E) Қонунгузории гражданӣ қувваи бозгашт надорад ва дар сурате нисбати муносибатҳои то ҷорӣ намудани он ба миён омада татбиқ мегардад, ки агар ин бевосита дар қонун пешбинӣ шуда бошад;

**@59.Анъанаи муомилоти корӣ чист?**
$A) Ин ҳамон одатҳои ҳуқуқӣ аст;
$B) Қоидаи рафтори дар қонунҳо пешбининашудае эътироф мегардад, ки дар соҳаи муносибатҳои гражданӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ истифода мешавад;
$C) Қоидаи рафтори дар қонунҳо пешбинишудае эътироф мегардад, ки муносибатҳои молу мулкӣ ва шахсии ғайримолу мулкиро ба танзим медарорад;
$D) Ин сарчашмаи асосии ҳуқуқи гражданӣ буда, сарфи назар аз сабт ёфтани он дар ягон ҳуҷҷат қоидаи рафтори иштирокчиёни фаъолияти соҳибкорӣ эътироф гашта, дар муносибатҳои гражданӣ васеъ истифода бурда мешавад;
$E) Сарфи назар аз сабт ёфтани он дар ягон ҳуҷҷат, қоидаи рафтори дар қонунҳо пешбининашудае эътироф мегардад, ки дар ягон соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ ба миён омада, васеъ истифода бурда мешавад;

**@60.Дар кадом ҳолатҳо дар муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ шабоҳати конун ва шабоҳати ҳуқуқ истифода мешавад?**
$A) Дар ҳолате ки муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ бевосита бо қонунҳо ё шартномаи тарафҳо танзим нашудаанду анъанаи дар ин маврид истифодашаванда вуҷуд надорад, нисбати чунин муносибат шартномаҳои байналмилалӣ, Қарори Маҷлиси Олӣ ва амалияи судӣ, ки муносибатҳои шабеҳро танзим мекунанд истифода мешавад. Дар сурати номумкин будани истифодаи шартномаҳои байналмилалӣ, дигар санадҳои меъёри ҳуқуқӣ ва амалияи судӣ ҳуқуқу ӯҳдадориҳои тарафҳо бо назардошти асосҳои умумию моҳияти қонунҳои гражданӣ (шабоҳати ҳуқуқ) ва талаботи бовиҷдонӣ, дурандешӣ ва адолат муайян карда мешаванд;
$B) Истифодаи шабоҳати қонун ва шабоҳати ҳуқуқ дар муносибатҳои ҳуқуқи гражданӣ мумкин нест;
$C) Дар ҳолате ки муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ бевосита бо қонунҳо ё шартномаи тарафҳо танзим нашудаанду анъанаи дар ин маврид истифодашаванда вуҷуд надорад, нисбати чунин муносибат меъёри қонунҳои граждании танзимкунандаи муносибати шабеҳ

(шабоҳати ҳуқуқ) истифода мешавад. Дар сурати номумкин будани истифодаи шабоҳати қонун ҳуқуқу ӯҳдадориҳои тарафҳо бо назардошти асосҳои умумию моҳияти қонунҳои гражданӣ (шабоҳати қонун) ва талаботи бовиҷдонӣ, дурандешӣ ва адолат муайян карда мешаванд;
$D) Дар сурати номумкин будани истифодаи шабоҳати қонун ҳуқуқу ӯҳдадориҳои тарафҳо бо назардошти асосҳои умумию моҳияти қонунҳои гражданӣ (шабоҳати қонун) муайян карда мешаванд. Дар ҳолате ки муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ бевосита бо қонунҳо ё шартномаи тарафҳо танзим нашудаанду анъанаи дар ин маврид истифодашаванда вуҷуд надорад, нисбати чунин муносибат меъёри қонунҳои гражданӣи танзимкунандаи муносибати шабеҳ (шабоҳати ҳуқуқ) истифода мешавад;
$E) Дар ҳолате ки муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ бевосита бо қонунҳо ё шартномаи тарафҳо танзим нашудаанду анъанаи дар ин маврид истифодашаванда вуҷуд надорад, нисбати чунин муносибат меъёри қонунҳои гражданӣи танзимкунандаи муносибати шабеҳ (шабоҳати қонун) истифода мешавад. Дар сурати номумкин будани истифодаи шабоҳати қонун дар ҳолатҳои зикргардида ҳуқуқу ӯҳдадориҳои тарафҳо бо назардошти асосҳои умумию моҳияти қонунҳои гражданӣ (шабоҳати ҳуқуқ) ва талаботи бовиҷдонӣ, дурандешӣ ва адолат муайян карда мешаванд;

**@61.Қисми якуми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон кай қабул шудааст?**
$A) 30 декабри соли 2000;
$B) 11 декабри соли 1999;
$C) 30 июли соли 1999;
$D) 1 январи соли 2000;
$E) 30 июни соли 1999;

**@62.Мӯҳлат дар ҳукуқи гражданӣ чист?**
$A) ин шакли умумии ҳастии материя мебошад, ки дар давомияти ҳастӣ ва ивазшавии пайдарпайи ҳолати тамоми низомҳои моддӣ ва равандҳо дар олам ифода меёбад;
$B) ин шакли умумии ҳастии материя мебошад, ки дар давомияти ҳастӣ ва ивазшавии пайдарпайи ҳолати тамоми низомҳои моддӣ ва равандҳо дар олам ифода намеёбад;

$C) давомияти вақт, ки фарораси ё гузаштани он боиси ягон оқибати ҳуқуқӣ намегардад;
$D) дар байни ҷавобҳо ду варианти дуруст мавҷуд аст;
$E) давомияти вақт, ки фарораси ё гузаштани он боиси ягон оқибати ҳуқуқӣ мегардад;

**@63.Табиати мӯҳлатҳоро дар ҳукуқи гражданӣ муайян намоед:**
$A) мӯҳлатҳо дар ҳукуқи гражданӣ ҳамчун ҳаракат баррасӣ мешаванд, яъне ҷараёни онҳо аз иродаи шахс вобаста аст. Аз ҷиҳати пайдоишаш мӯҳлат категорияи иродавӣ мебошад, аммо гузаштанаш хислати объективӣ дорад;
$B) мӯҳлатҳо дар ҳукуқи гражданӣ ҳамчун ҳодиса баррасӣ мешаванд, яъне ҷараёни онҳо аз иродаи шахс вобаста аст. Аз ҷиҳати пайдоишаш мӯҳлат категорияи иродавӣ мебошад, аммо гузаштанаш хислати объективӣ дорад;
$C) дар байни ҷавобҳо ду варианти дуруст мавҷуд аст;
$D) мӯҳлатҳо дар ҳукуқи гражданӣ ҳамчун ҳодиса баррасӣ мешаванд, яъне ҷараёни онҳо аз иродаи шахс вобаста нест. Аз ҷиҳати пайдоишаш мӯҳлат категорияи ҳодисавӣ мебошад, аммо гузаштанаш хислати объективӣ дорад;
$E) мӯҳлатҳо дар ҳукуқи гражданӣ ҳамчун ҳодиса баррасӣ мешаванд, яъне ҷараёни онҳо аз иродаи шахс вобаста нест. Аз ҷиҳати пайдоишаш мӯҳлат категорияи иродавӣ мебошад, аммо гузаштанаш хислати объективӣ дорад;

**@64.Тартиби дуруст ба ҳисоб гирифтани мӯхлатро нишон диҳед:**
$A) ҷараёни мӯҳлати бо давраи вақт муайянгардида дар рӯзи дигари пас аз санаи тақвимӣ ё фаро расидани ҳодисае оғоз меёбад, ки бо он муайян шудааст. Масалан, шартнома ба мӯҳлати 10 рӯз дар санаи 1 сентябри соли 2010 баста шудааст. Мӯҳлати даҳрӯза аз 1 сентябр ҳисоб карда мешавад;
$B) ҷараёни мӯҳлати бо давраи вақт муайянгардида дар рӯзи санаи тақвимӣ ё фаро расидани ҳодисае оғоз меёбад, ки бо он муайян шудааст. Масалан, шартнома ба мӯҳлати 10 рӯз дар санаи 1 сентябри соли 2010 баста шудааст. Мӯҳлати даҳрӯза аз 1 сентябр ҳисоб карда мешавад;

$C) ҷараёни мӯҳлати бо давраи вақт муайянгардида дар рӯзи санаи тақвимӣ ё фаро расидани ҳодисае оғоз меёбад, ки бо он муайян шудааст. Масалан, шартнома ба мӯҳлати 10 рӯз дар санаи 1 сентябри соли 2010 баста шудааст. Мӯҳлати даҳрӯза аз 2 сентябр ҳисоб карда мешавад;
$D) дар байни ҷавобҳо ду варианти дуруст мавҷуд аст;
$E) ҷараёни мӯҳлати бо давраи вақт муайянгардида дар рӯзи дигари пас аз санаи тақвимӣ ё фаро расидани ҳодисае оғоз меёбад, ки бо он муайян шудааст. Масалан, шартнома ба мӯҳлати 10 рӯз дар санаи 1 сентябри соли 2010 баста шудааст. Мӯҳлати даҳрӯза аз 2 сентябр ҳисоб карда мешавад;

**@65.Тартиби дуруст ба ҳисоб гирифтани мӯхлатро нишон диҳед:**
$A) дар байни ҷавобҳо ду варианти дуруст мавҷуд аст;
$B) мӯҳлате, ки бо солҳо ҳисоб карда мешавад, дар моҳу санаи дахлдори соли охири мӯҳлат хотима меёбад. Масалан, шартномае, ки ба мӯхлати 2 сол дар санаи 1 сентябри соли 2010 баста шудааст, 1 сентябри соли 2011 ба анҷом мерасад. Нисбат ба мӯҳлате, ки ним сол муайян шудааст, қоидаҳои барои мӯҳлати бо моҳҳо ҳисобшаванда истифода мешаванд;
$C) мӯҳлате, ки бо солҳо ҳисоб карда мешавад, дар моҳу санаи дахлдори соли охири мӯҳлат хотима меёбад. Масалан, шартномае, ки ба мӯхлати 2 сол дар санаи 1 сентябри соли 2010 баста шудааст, 1 сентябри соли 2012 ба анҷом мерасад. Нисбат ба мӯҳлате, ки ним сол муайян шудааст, қоидаҳои барои мӯҳлати бо шаш моҳ ҳисобшаванда истифода мешаванд;
$D) мӯҳлате, ки бо солҳо ҳисоб карда мешавад, дар моҳу санаи дахлдори соли охири мӯҳлат хотима намеёбад. Масалан, шартномае, ки ба мӯхлати 2 сол дар санаи 1 сентябри соли 2010 баста шудааст, 1 сентябри соли 2012 ба анҷом мерасад. Нисбат ба мӯҳлате, ки ним сол муайян шудааст, қоидаҳои барои мӯҳлати бо моҳҳо ҳисобшаванда истифода мешаванд;
$E) мӯҳлате, ки бо солҳо ҳисоб карда мешавад, дар моҳу санаи дахлдори соли охири мӯҳлат хотима меёбад. Масалан, шартномае, ки ба мӯхлати 2 сол дар санаи 1 сентябри соли 2010 баста шудааст, 1 сентябри соли 2012 ба анҷом мерасад. Нисбат ба мӯҳлате, ки ним сол муайян шудааст, қоидаҳои барои мӯҳлати бо моҳҳо ҳисобшаванда истифода мешаванд;

**@66.Тартиби дуруст ба ҳисоб гирифтани мӯхлатро нишон диҳед:**
$A) мӯҳлате, ки бо моҳҳо ҳисоб карда мешавад, дар санаи дахлдори моҳи охири мӯҳлат хатм меёбад. Масалан, шартномае, ки 1 сентябри соли 2010 ба мӯхлати як моҳ баста шудааст, 2 октябри соли 2010 ба анҷом мерасад. Мӯҳлате, ки ним моҳ муайян шудааст, ҳамчун мӯҳлати бо рӯз ҳисобкардашаванда шуморида шуда, баробар ба понздаҳ рӯз дониста мешавад;
$B) мӯҳлате, ки бо моҳҳо ҳисоб карда мешавад, дар санаи дахлдори моҳи охири мӯҳлат хатм меёбад. Масалан, шартномае, ки 1 сентябри соли 2010 ба мӯхлати як моҳ баста шудааст, 1 октябри соли 2010 ба анҷом мерасад. Мӯҳлате, ки ним моҳ муайян шудааст, ҳамчун мӯҳлати бо рӯз ҳисобкардашаванда шуморида шуда, баробар ба понздаҳ ё шонздаҳ рӯз дониста мешавад;
$C) мӯҳлате, ки бо моҳҳо ҳисоб карда мешавад, дар санаи дахлдори моҳи охири мӯҳлат хатм меёбад. Масалан, шартномае, ки 1 сентябри соли 2010 ба мӯхлати як моҳ баста шудааст, 2 ноябри соли 2010 ба анҷом мерасад. Мӯҳлате, ки ним моҳ муайян шудааст, ҳамчун мӯҳлати бо рӯз ҳисобкардашаванда шуморида шуда, баробар ба понздаҳ рӯз дониста мешавад;
$D) мӯҳлате, ки бо моҳҳо ҳисоб карда мешавад, дар санаи дахлдори моҳи охири мӯҳлат хатм намеёбад. Масалан, шартномае, ки 1 сентябри соли 2010 ба мӯхлати як моҳ баста шудааст, 1 октябри соли 2010 ба анҷом мерасад. Мӯҳлате, ки ним моҳ муайян шудааст, ҳамчун мӯҳлати бо рӯз ҳисобкардашаванда шуморида шуда, баробар ба понздаҳ рӯз дониста мешавад;
$E) мӯҳлате, ки бо моҳҳо ҳисоб карда мешавад, дар санаи дахлдори моҳи охири мӯҳлат хатм меёбад. Масалан, шартномае, ки 1 сентябри соли 2010 ба мӯхлати як моҳ баста шудааст, 1 октябри соли 2010 ба анҷом мерасад. Мӯҳлате, ки ним моҳ муайян шудааст, ҳамчун мӯҳлати бо рӯз ҳисобкардашаванда шуморида шуда, баробар ба понздаҳ рӯз дониста мешавад;

**@67.Тартиби дуруст ба ҳисоб гирифтани мӯхлатро нишон диҳед:**
$A) агар хатми мӯҳлати бо моҳ ҳисобшаванда ба моҳе рост ояд, ки санаи дахлдор надорад, пас мӯҳлат дар рӯзи охирини ҳамин моҳ хотима меёбад. Масалан, 31 августи соли 2010 шартнома ба мӯхлати як моҳ баста шуд, аз рӯи қоидаи умумӣ бояд 31 сентябри соли 2010 ба

анҷом расад, вале моҳи сентябр санаи «31» надорад, бинобар ин, шартномаи дар 1 октябри соли 2010 ба анҷом мерасад;
$B) агар хатми мӯҳлати бо моҳ ҳисобшаванда ба моҳе рост ояд, ки санаи дахлдор надорад, пас мӯҳлат дар рӯзи охирини ҳамин моҳ хотима намеёбад. Масалан, 31 августи соли 2010 шартнома ба мӯхлати як моҳ баста шуд, аз рӯи қоидаи умумӣ бояд 31 сентябри соли 2010 ба анҷом расад, вале моҳи сентябр санаи «31» надорад, бинобар ин, шартномаи на дар 1 октябри соли 2010, балки дар 30 сентябри соли 2010 ба анҷом мерасад;
$C) агар хатми мӯҳлати бо моҳ ҳисобшаванда ба моҳе рост ояд, ки санаи дахлдор надорад, пас мӯҳлат дар рӯзи охирини ҳамин моҳ хотима меёбад. Масалан, 31 августи соли 2010 шартнома ба мӯхлати як моҳ баста шуд, аз рӯи қоидаи умумӣ бояд 31 сентябри соли 2010 ба анҷом расад, вале моҳи сентябр санаи «31» надорад, бинобар ин, шартномаи на дар 1 октябри соли 2010, балки дар 2 октябри соли 2010 ба анҷом мерасад;
$D) агар хатми мӯҳлати бо моҳ ҳисобшаванда ба моҳе рост ояд, ки санаи дахлдор дорад, пас мӯҳлат дар рӯзи охирини ҳамин моҳ хотима меёбад. Масалан, 31 августи соли 2010 шартнома ба мӯхлати як моҳ баста шуд, аз рӯи қоидаи умумӣ бояд 31 сентябри соли 2010 ба анҷом расад, вале моҳи сентябр санаи «31» надорад, бинобар ин, шартномаи на дар 1 октябри соли 2010, балки дар 30 сентябри соли 2010 ба анҷом мерасад;
$E) агар хатми мӯҳлати бо моҳ ҳисобшаванда ба моҳе рост ояд, ки санаи дахлдор надорад, пас мӯҳлат дар рӯзи охирини ҳамин моҳ хотима меёбад. Масалан, 31 августи соли 2010 шартнома ба мӯхлати як моҳ баста шуд, аз рӯи қоидаи умумӣ бояд 31 сентябри соли 2010 ба анҷом расад, вале моҳи сентябр санаи «31» надорад, бинобар ин, шартномаи на дар 1 октябри соли 2010, балки дар 30 сентябри соли 2010 ба анҷом мерасад;

**@68.Лаҳзаи бавуҷудоии ҳуқуқи соҳибмулкии бадастоваранда тибқи шартнома;**
$A) Аз лаҳзаи пардохт маблағи ашё аст;
$B) Аз лаҳзаи бастани шартнома аст;
$C) Аз лаҳзаи гузаштани таваккал аст;
$D) Аз лаҳзаи имзокунии шартнома аст;
$E) Аз лаҳзаи додани ашё аст;

**@69.Вобаста ба дараҷаи ҳатмият намудҳои мӯҳлатро муайян намоед:**
$A) баамалбарории ҳуқуқҳои гражданӣ, иҷрои ҳуқуқои гражданӣ, ҳифзи ҳуқуқҳои гражданӣ;
$B) умумӣ ва махсус;
$C) қонунӣ, шартномавӣ, судӣ;
$D) мутлақан муайян, нисбатан муайян, номуайян;
$E) императивӣ (масалан, мӯҳлати 3-солаи даъво мӯҳлати императивӣ мебошад, онро бо хоҳиши тарафҳо тағйир додан мумкин нест) ва диспозитивӣ (масалан, тарафҳо мӯҳлати амали шартномаи қарзро озодона муайян мекунанд;

**@70.Вобаста ба асоси муқарраркунӣ намудҳои мӯҳлатро муайян намоед:**
$A) баамалбарории ҳуқуқҳои гражданӣ, иҷрои ҳуқуқои гражданӣ, ҳифзи ҳуқуқҳои гражданӣ;
$B) умумӣ ва махсус;
$C) қонунӣ, шартномавӣ, судӣ;
$D) мутлақан муайян, нисбатан муайян, номуайян;
$E) императивӣ (масалан, мӯҳлати 3-солаи даъво мӯҳлати императивӣ мебошад, онро бо хоҳиши тарафҳо тағйир додан мумкин нест) ва диспозитивӣ (масалан, тарафҳо мӯҳлати амали шартномаи қарзро озодона муайян мекунанд;

**@71.Вобаста ба соҳаи амал намудҳои мӯҳлатро муайян намоед:**
$A) императивӣ (масалан, мӯҳлати 3-солаи даъво мӯҳлати императивӣ мебошад, онро бо хоҳиши тарафҳо тағйир додан мумкин нест) ва диспозитивӣ (масалан, тарафҳо мӯҳлати амали шартномаи қарзро озодона муайян мекунанд;
$B) ҳамаи ҷавобҳо нодурустанд;
$C) қонунӣ, шартномавӣ, судӣ;
$D) мутлақан муайян, нисбатан муайян, номуайян;
$E) умумӣ ва махсус;

**@72.Вобаста ба оқибати ҳуқуқӣ намудҳои мӯҳлатро муайян намоед:**

$A) императивӣ (масалан, мӯхлати 3-солаи даъво мӯхлати императивӣ мебошад, онро бо хоҳиши тарафҳо тағйир додан мумкин нест) ва диспозитивӣ (масалан, тарафҳо мӯхлати амали шартномаи қарзро озодона муайян мекунанд;
$B) умумӣ ва махсус;
$C) қонунӣ, шартномавӣ, судӣ;
$D) мутлақан муайян, нисбатан муайян, номуайян;
$E) ҳамаи ҷавобҳо нодурустанд;

**@73.Вобаста ба тарзи муқарраркунӣ намудҳои мӯхлатро муайян намоед:**
$E) Қобилияти шаҳрванд барои бо амали хеш ба даст овардан ва татбиқ намудани ҳуқуқи граждан̣ӣ, барои худ муқаррар намудани ӯҳдадорӣ ва иҷро намудани он;

**@172.Кадом шахсон дорои қобилияти пурраи амал эътироф мешаванд?**
$A) Шахсоне, ки дорои қобилияти пурраи амал эътироф шудаанд, то расидан ба синни 18-солагӣ ақди никоҳ бастаанд, ба синни 18-солагӣ расидаанд, доғи судӣ надоранд, ҳуқуқи интихоб кардан ва интихоб шуданро доранд;
$B) Шахсоне, ки дорои қобилияти пурраи амал эътироф шудаанд, то расидан ба синни 17- солагӣ ақди никоҳ бастаанд ё ба синни 17-солагӣ расидаанд;
$C) Шахсоне, ки новобаста аз сину сол ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул мешаванд;
$D) Шахсоне, ки дорои қобилияти пурраи амал эътироф шудаанд, то расидан ба синни 18-солагӣ ақди никоҳ бастаанд, ба синни 18-солагӣ расидаанд ва доғи судӣ надоранд;
$E) Шахсоне, ки дорои қобилияти пурраи амал эътироф шудаанд, то расидан ба синни 18- солагӣ ақди никоҳ бастаанд ё ба синни 18-солагӣ расидаанд;

**@173.Шаҳрвандон аз кадом лаҳза бидуни таъсиси шахси ҳуқуқӣ метавонанд ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шаванд?**
$A) Аз лаҳзаи бақайдгири дар мақомоти адлия;
$B) Аз лаҳзаи баҳисобгирӣ дар мақомоти андоз;
$C) Аз лаҳзаи баҳисобгирӣ дар мақомоти адлия;
$D) Аз лаҳзаи воқеан машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ;
$E) Аз лаҳзаи бақайдгири дар мақомоти андоз;

**@174.Дар кадом ҳолат соҳибкори инфиродӣ муфлис эътироф карда мешавад?**
$A) Соҳибкори инфиродӣ муфлис эътироф карда намешавад;
$B) Соҳибкори инфиродие, ки барои қонеъ гардонидани талаботи кредиторон оид ба фаъолияти соҳибкорӣ қодир нест, бо қарори мақомоти адлия муфлис эътироф карда мешавад;

$C) Соҳибкори инфиродие, ки барои қонеъ гардонидани талаботи кредиторон оид ба фаъолияти соҳибкорӣ қодир нест, бо қарори мақомоти андоз муфлис эътироф карда мешавад;
$D) Соҳибкори инфиродие, ки барои қонеъ гардонидани талаботи кредиторон оид ба фаъолияти соҳибкорӣ қодир нест, бо қарори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ муфлис эътироф карда мешавад;
$E) Соҳибкори инфиродие, ки барои қонеъ гардонидани талаботи кредиторон оид ба фаъолияти соҳибкорӣ қодир нест, бо қарори суд мумкин аст муфлис эътироф гардад;

**@175.Ҳангоми муфлис шудани соҳибкори инфиродӣ қарз аз рӯи пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет ва фондҳои ғайрибуҷетӣ дар навбати чандум қонеъ карда мешавад?**
$A) Дар навбати аввал, чунки манфиатҳои давлат дар мадди аввал аст;
$B) Дар навбати сеюм;
$C) Дар навбати дуввум, баъди пардохти қарзи шаҳрвандон;
$D) Ин аз қарори суд вобастагӣ дорад;
$E) Дар навбати чорум;

**@176.Ноболиғони аз 14 то 18-сола бо розигии хаттии киҳо аҳд баста метавонанд?**
$A) Бидуни розигии ягон шахс метавонанд аҳдҳоро банданд;
$B) Падару модар, фарзандхондагон, парасторон, бобою бибӣ вале шарт нест, ки ин розигӣ хаттӣ бошад;
$C) Падару модар, фарзандхондагон, намояндагони қонунӣ, раиси маҳалла;
$D) Аз номи онҳо аҳдҳоро падару модар, фарзандхондагон ва парасторон мебанданд;
$E) Намояндагони қонунии худ;

**@177.Оё ноболиғони аз 14 то 18-сола ҳуқуқи муаллифи асари илм, адабиёт ё санъат, ихтироъ ё дигар натиҷаи фаъолияти зеҳнии худро мустақилона татбиқ карда метавонанд?**
$A) Метавонанд танҳо бо розигии падару модар, фарзандхондагон ва ё парасторон;
$B) Онҳо ин ҳуқуқҳои худро дар ягон ҳолат татбиқ карда наметавонанд;

$C) Метавонанд танҳо пас аз гирифтани иҷозатнома аз мақомоти ваколатдор ва муҳаррир;
$D) Онҳо тамоман ин ҳуқуқҳоро надоранд;
$E) Бидуни розигии падару модар, фарзандхондагон ва ё парасторонашон метавонанд мустақилона татбиқ намоянд;
**@178.Ноболиғон аз синни чандсолагӣ метавонанд узви кооператив бошанд?**
$A) Аз лаҳзаи қобилияти пурраи амалкуниро ба даст овардан;
$B) Ноболиғон наметавонанд узви кооператив бошанд;
$C) 14 - солагӣ, чунки тибқи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон қобилияти амалкунии меҳнатӣ аз синни 14- солагӣ фаро мерасад;
$D) 17 - солагӣ;
$E) 16 - солагӣ;

**@179.Эмансипатсия чист?**
$A) Ғайри қобили амал эътироф намудани шахс;
$B) Аз ҷониби ноболиғи ба синни шонздаҳсолагӣ расида тибқи шартномаи меҳнатӣ кор кардан ва ё бо розигии намояндагони қонунии худ бастани шартномаи меҳнатӣ ва граждани мебошад;
$C) Ин дорои қобилияти пурраи амал эътироф кардани ноболиғи ба синни 14-солагӣ расида мебошад;
$D) Чунин мафҳум дар Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон нест;
$E) Ин дорои қобилияти пурраи амал эътироф кардани ноболиғи ба синни 16-солагӣ расида мебошад;

**@180.Аз номи ноболиғи ба синни 14 нарасида киҳо ҳуқуқи анҷом додани аҳдҳоро доранд?**
$A) Падару модар, фарзандхондагон, васиён, адвокат ва нотариус;
$B) Падару модар, фарзандхондагон ва парасторони онҳо;
$C) Онҳо метавонанд тамоми аҳдҳоро мустақилона анҷом диҳанд;
$D) Падару модар, бародаронаш, васиён, парасторон;
$E) Падару модар, фарзандхондагон ва васиёни онҳо;

**@181.Ҳуқуқи бастани аҳдҳои хурди маишӣ аз чандсолагӣ фаро мерасад?**
$A) Аз синни балоғат;
$B) 14-солагӣ;

$C) 16-солагӣ;
$D) 5 - солагӣ;
$E) 6–солагӣ;

**@182.Дар кадом ҳолат шаҳрванд ғайри қобили амал эътироф карда мешавад?**
$A) Дар натиҷаи суиистеъмол аз машруботи спиртӣ ё маводи нашъадор, ки худ ё оилаи худро дар вазъияти вазнини моддb ғарор медиҳад;
$B) Шаҳрванде, ки дар асари бемории рӯҳӣ ё камақлӣ аҳамият амали худро дарк карда наметавонад;
$C) Агар шаҳрванд дар асари бемории рӯҳӣ вазнин ӯҳдадориҳои шартномавиро иҷро накунад ва талаботи кредиторонро қонеъ карда натавонад;
$D) Агар шаҳрванд ҷинояти махсусан вазнин содир намояд;
$E) Шаҳрванде, ки дар асари бемории рӯҳӣ ё камақлӣ аҳамият амали худро дарк ё онро идора карда наметавонад;

**@183.Аз номи шаҳрванди ғайри қобили амал кӣ аҳдҳоро ба иҷро мерасонад?**
$A) Падару модар, фарзандхондагон, парастор;
$B) Падару модар, фарзандхондагон, васӣ;
$C) Парастор;
$D) Намояндагони қонунӣ, адвокатҳо;
$E) Васӣ;

**@184.Қобилияти амали кадом шаҳрванд маҳдуд карда мешавад?**
$A) Шаҳрванде, ки дар асари суиистеъмоли машрубот ё маводи нашъаовар оилаи худро дар вазъияти вазнини моддӣ қарор медиҳад;
$B) Шаҳрванде, ки ҷинояти дараҷаи миёна содир менамояд;
$C) Шаҳрванде, ки дар асари бемории рӯҳӣ ё камақлӣ аҳамият амали худро дарк ё онро идора карда наметавонад;
$D) Шаҳрванде, ки дар асари суиистеъмоли машрубот, маводи нашъаовар ё қиморбозӣ, худ ё оилаи худро дар вазъияти вазнини моддӣ қарор медиҳад;
$E) Шаҳрванде, ки дар асари суиистеъмоли машрубот ё маводи нашъаовар худ ё оилаи худро дар вазъияти вазнини моддӣ қарор медиҳад;

**@185.Шаҳрванди қобилияти амалкуниаш маҳдуд бо розигии кӣ ҳуқуқ дорад аҳдҳоро (ба истисноои аҳдҳои хурди маишӣ) ба анҷом расонад?**
$A) Падару модар, фарзандхондагон, парастор;
$B) Падару модар, фарзандхондагон, васӣ;
$C) Васӣ, парастор;
$D) Васӣ;
$E) Парастор;

**@186.Дар кадом ҳолат шаҳрванд бедарак ғоиб эътироф карда мешавад?**
$A) Агар дар тӯли ду сол дар ҷои истиқомати шаҳрванд дар хусуси бошишгоҳи ӯ маълумоте набошад;
$B) Агар дар тӯли се сол дар ҷои истиқомати шаҳрванд дар хусуси бошишгоҳи ӯ маълумоте набошад;
$C) Агар дар тӯли як сол дар ҷои истиқомат шаҳрванд набошад;
$D) Агар дар тӯли шаш моҳ дар ҷои истиқомати шаҳрванд дар хусуси бошишгоҳи ӯ маълумоте набошад;
$E) Агар дар тӯли як сол дар ҷои истиқомати шаҳрванд дар хусуси бошишгоҳи ӯ маълумоте набошад;

**@187.Оғози мӯҳлат ҳангоми эътирофи бедарак ғоиб шудани шаҳрванд аз кадом рӯз ҳисоб карда мешавад?**
$A) Аз рӯзи расидани маълумоти аввалин дар хусуси шахси ғоиб, аз санаи аввали моҳе, ки дар он шахс ғоиб эътироф гардидааст, аз якуми январи соли минбаъда;
$B) Аз санаи аввали моҳе, ки пас аз моҳи расидани маълумоти охир дар хусуси шахси ғоиб фаро мерасад, аз якуми январи соли минбаъда, аз лаҳзае, ки хатари марг ба ҳаёташ таҳдид мекард;
$C) Аз рӯзи расидани маълумоти охир дар хусуси фавтидани шахс, аз санаи аввали моҳе, ки пас аз моҳи расидани маълумоти охир дар хусуси шахси ғоиб фаро мерасад, аз якуми январи соли минбаъда;
$D) Аз лаҳзае, ки суд муқаррар мекунад, Аз рӯзи расидани маълумоти охир дар хусуси шахси ғоиб;
$E) аз санаи аввали моҳе, ки пас аз моҳи расидани маълумоти охир дар хусус шахси ғоиб фаро мерасад, аз якуми январи соли минбаъда;

**@188.Дар кадом ҳолат шаҳрванд фавтида эълон карда мешавад?**
$A) Агар дар давоми се сол дар бораи ҷои истикомати шахрванд маълумоте набошад ва агар ӯ дар вазъияте бедарак ғоиб шуда бошад, ки хатари марг ба ҳаёташ таҳдид мекард ё ба гумони аз фалокат вафот кардани ӯ асос медиҳад, дар давоми шаш моҳ суд метавонад чунин шаҳрвандро фавтида эълон намояд;
$B) Фавтида эълон намудани шаҳрванд танҳо баъди гирифтани шаҳодатнома аз муассисаи тиббӣ дар бораи вафоти ӯ аз ҷониби суд эълон карда мешавад;
$C) Агар дар маҳалли зисти шаҳрванд дар давоми як сол аз ҷои исташ маълумоте набошад ва агар ӯ дар вазъияти фавқуллода бедарак ғоиб шуда бошад, ки ба гумони аз фалокат вафот кардани ӯ асос медиҳад, дар давоми панҷ моҳ прокурор метавонад чунин шаҳрвандро фавтида эълон намояд;
$D) Агар дар тӯли ду сол дар ҷои истиқомати шаҳрванд дар хусуси бошишгоҳи ӯ маълумоте набошад;
$E) Агар дар маҳалли зисти шаҳрванд дар давоми се сол аз ҷои исташ маълумоте набошад ва агар ӯ дар вазъияте бедарак ғоиб шуда бошад, ки хатари марг ба ҳаёташ таҳдид мекард ё ба гумони аз фалокат вафот кардани ӯ асос медиҳад, дар давоми шаш моҳ суд метавонад чунин шаҳрвандро фавтида эълон намояд;

**@189.Оё шахси фавтида эълоншуда баъди ҳозир шуданаш ҳуқуқи талаби молумулки маҳфузмондаро дорад?**
$A) Надорад, чунки тибқи қарори суд ӯ фавтида эълон шуда буд;
$B) Дорад, ба шарте ин молумулк бемузд соҳибӣ карда шуда бошад (ба истиснои талаб карда гирифтани ашёи ғайриманқул аз бадастдаровcovarандаи бовиҷдон);
$C) Дорад, ба шарте, ки мӯҳлати даъворо нагузаронида бошад;
$D) Дорад, ба шарте ин молумулк ба мерос гузашта бошад (ба истиснои талаб карда гирифтани пул ва коғазҳои қиматноки манзурӣ аз бадастдаровarандаи бевиҷдон);
$E) Дорад, ба шарте ин молумулк бемузд ихтиёрдорӣ шуда бошад (ба истиснои талаб карда гирифтани пул ва коғазҳои қиматноки манзурӣ аз бадастдаровarандаи бовиҷдон);

**@190.Шахси фавтида эълоншуда агар ҳозир шавад дар кадом мӯҳлат ҳуқуқи талаби молумулки маҳфузмондаро дорад?**

$A) Дар давоми ҷараёни мӯҳлати даъво, яъне се сол;
$B) Сарфи назар аз вақти ҳозир шуданаш ва танҳо агар молу мулк дар шакли асл вуҷуд дошта бошад;
$C) Чунин шахс умуман ҳуқуқи талаби молумулки маҳфузмондаро надорад, зеро вай фавтида эълон гардида буд;
$D) Дар давоми панҷ сол;
$E) Сарфи назар аз вақти ҳозир шуданаш;

**@191.Шахси ҳуқуқӣ чист?**
$A) Ташкилоте, ки дар моликият, пешбурди хоҷагидорӣ ё идоракунии оперативӣ молумулкро дошта, аз рӯи ӯҳдадориҳои худ бо ин молумулк масъулият надорад, метавонад аз номи худ ҳуқуқҳои молу мулкиро ба даст оварда, татбиқ намояд, ӯҳдадорӣ гирад, дар суд даъвогар ва ҷавобгар бошад;
$B) Ташкилоте, ки дар моликият, пешбурди хоҷагидорӣ ё идоракунии оперативӣ молумулкро дошта, аз рӯи ӯҳдадориҳои худ бо ин молумулк масъулият надорад, метавонад аз номи худ ҳуқуқҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкиро ба даст оварда, татбиқ намояд, ӯҳдадорӣ гирад, дар суд даъвогар ва ҷавобгар набошад;
$C) Ташкилоти тиҷоратие, ки дар моликият молумулкро дошта, аз рӯи ӯҳдадориҳои худ бо ин молумулк масъулият дорад, метавонад аз номи худ ҳуқуқҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкиро ба даст оварда, татбиқ намояд, ӯҳдадорӣ гирад, дар суд даъвогар ва ҷавобгар бошад;
$D) Ташкилоти ғайритиҷоратие, ки дар моликият, пешбурди хоҷагидорӣ ё идоракунии оперативӣ молумулкро дошта, аз рӯи ӯҳдадориҳои худ бо ин молумулк масъулият дорад, дар суд даъвогар ва ҷавобгар бошад;
$E) Ташкилоте, ки дар моликият, пешбурди хоҷагидорӣ ё идоракунии оперативии молу мулкро дошта, аз рӯи ӯҳдадориҳои худ бо ин молу мулк масъулият дорад, метавонад аз номи худ ҳуқуқҳои молу мулкӣ ва шахсии ғайри молумулкиро ба даст оварда, татбиқ намояд, ӯҳдадорӣ гирад, дар суд даъвогар ва ҷавобгар бошад;

**@192.Муассисон (иштирокчиён) нисбати кадом шахсони ҳуқуқӣ ҳукуки молумулкӣ надоранд?**
$A) Кооперативҳои истеҳсолӣ ва истеъмолӣ, ташкилоте, ки дар асоси идораи оперативӣ фаъолият мекунад;

$B) Ташкилоти (иттиҳодияҳои) ҷамъиятӣ ва динӣ, фондҳои хайрия ва фондҳои дигари ҷамъиятӣ, иттиҳодияҳои шахси ҳуқуқӣ (ассотсиатсияҳо ва иттиҳодияҳо) , ҷамъиятҳои дорои масъулияташ маҳдуд, корхонаҳои воҳид;
$C) Ташкилоти (иттиҳодияҳои) ҷамъиятӣ ва динӣ, фондҳои хайрия ва фондҳои дигари ҷамъиятӣ, иттиҳодияҳои шахси ҳуқуқӣ (ассотсиатсияҳо ва иттиҳодияҳо) , ширкати ба бовари асосёфта (командитӣ) , ташкилоте, ки дар асоси пешбурди хоҷагидорӣ фаъолият мекунанд;
$D) Ташкилоти (иттиҳодияҳои) ҷамъиятӣ ва динӣ, фондҳои хайрия ва фондҳои дигари ҷамъиятӣ, иттиҳодияҳои шахси ҳуқуқӣ (ассотсиатсияҳо ва иттиҳодияҳо) , ҷамъиятҳои саҳомӣ, ширкати комил;
$E) Ташкилоти (иттиҳодияҳои) ҷамъиятӣ ва динӣ, фондҳои хайрия ва фондҳои дигари ҷамъиятӣ, иттиҳодияҳои шахси ҳуқуқӣ (ассотсиатсияҳо ва иттиҳодияҳо);

**@193.Вобаста ба мақсади фаъолият шахсони ҳуқуқӣ ба кадом намудҳо ҷудо мешаванд?**
$A) Ширкату ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ, кооперативҳои истеҳсолӣ, корхонаҳои давлатӣ;
$B) Шахсони ҳуқуқии тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ, давлатӣ ва хусусӣ;
$C) Чунин асоси таснифи шахсони ҳуқуқӣ мавҷуд нест;
$D) Ташкилоти тиҷоратӣ;
$E) Ташкилоти тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ;

**@194.Шахси ҳуқуқӣ аз кадом лаҳза таъсисгардида эътироф мешавад?**
$A) Аз лаҳзаи қабули қарор дар хусуси таъсиси он;
$B) Аз лаҳзаи баҳисобгирӣ;
$C) Аз лаҳзае, ки муассисон муайян кардаанд;
$D) Аз лаҳзаи бақайдгирӣ дар мақомоти адлия;
$E) Аз лаҳзаи бақайдгирӣ;

**@195.Ҳуҷҷатҳои таъсиси шахси ҳуқуқӣ кадомҳоянд?**
$A) Қонун, қарор, оинномa, низомнома;
$B) оинномa ва шартномаи таъсис;

$C) Оиннома, шартномаи таъсис ва низомнома, шаҳодатномаи мақомоти дахлдор;
$D) Қарори суд оид ба таъсиси шахси ҳуқуқӣ;
$E) Оиннома, шартномаи таъсис ва низомнома;

**@196.Оинномаи шахси ҳуқуқӣ аз ҷониби кӣ тасдиқ карда мешавад?**
$A) Мақомоти бақайдгиранда;
$B) Роҳбаи шахси ҳукуқӣ;
$C) Саҳмдорон;
$D) Тасдиқи оинномаи шахси ҳуқуқӣ зарурат надорад;
$E) Муассисон (иштирокчиён);

**@197.Номи кадом шахси ҳукуқӣ бояд ишора ба хусусияти фаъолияти онро дошта бошад?**
$A) Ҳамаи шахсони ҳуқуқӣ;
$B) Ташкилоти ғайритиҷоратӣ, корхонаҳои фаръӣ ва дар ҳолатҳои пешбининамудаи шартнома ташкилоти дигари тиҷоратӣ;
$C) Ташкилоти тиҷоратӣ, иттиҳодяҳои динӣ, корхонаҳои фаръӣ;
$D) Корхонаҳои давлатӣ, фондҳо, ҷамъиятҳои саҳомӣ, копеalready ративҳо, ташкилоти ғайритиҷоратӣ ва дар ҳоалтҳои пешбининамудаи қонун ташкилотҳои тиҷоратӣ;
$E) Ташкилоти ғайритиҷоратӣ, корхонаҳои воҳид ва дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун ташкилоти дигари тиҷоратӣ;

**@198.Кадом шахсони ҳуқуқӣ номи фирмавӣ доранд?**
$A) Чамъиятҳои саҳомӣ;
$B) Ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд;
$C) Фирмаҳо, ширкати комил;
$D) Ташкилоти ғайритиҷоратӣ;
$E) Ташкилоти тиҷоратӣ;

**@199.Намояндагӣ ҳамчун воҳиди алоҳидаи шахси ҳуқуқӣ чист?**
$A) Воҳиди мустақили шахси ҳуқуқӣ мебошад, ки берун аз маҳалли ҷойгиршавии он қарор дошта, манфиати шахси ҳуқуқиро ҳифз ва намояндагӣ менамояд, аз номи он аҳдҳо ва амалҳои дигари ҳуқуқиро анҷом медиҳад;

$B) Воҳиди алоҳидаи шахси ҳуқуқӣ мебошад, ки берун аз маҳалли ҷойгиршавии он қарор дошта, тамоми ё як қисми вазифаҳои онро иҷро мекунад;
$C) Ин шахси ҳукуқии мустақил мебошад;
$D) Воҳиди алоҳидаи шахси ҳуқуқӣ мебошад, ки берун аз маҳалли ҷойгиршавии он қарор дошта, манфиати шахси ҳуқуқиро намояндагӣ менамояд, аз номи он шартномаҳо ва аҳдҳои дигари ҳуқуқиро анҷом медиҳад, қисми вазифаҳои онро иҷро мекунад;
$E) Воҳиди алоҳидаи шахси ҳуқуқӣ мебошад, ки берун аз маҳалли ҷойгиршавии он қарор дошта, манфиати шахси ҳуқуқиро ҳифз ва намояндагӣ менамояд, аз номи он аҳдҳо ва амалҳои дигари ҳуқуқиро анҷом медиҳад;

**@200.Филиал чист?**
$A) Воҳиди алоҳидаи шахси ҳуқуқӣ мебошад, ки берун аз маҳалли ҷойгиршавии он қарор дошта, манфиати шахси ҳуқуқиро ҳифз ва намояндагӣ менамояд, аз номи он аҳдҳо ва амалҳои дигари ҳуқуқиро анҷом медиҳад;
$B) Воҳиди алоҳидаи шахси ҳуқуқӣ мебошад, ки дар маҳалли ҷойгиршавии он қарор дошта, тамоми ё як қисми вазифаҳои онро иҷро мекунад;
$C) Воҳиди мустақили шахси ҳуқуқӣ мебошад, ки берун аз маҳалли ҷойгиршавии он қарор дошта, тамоми ё як қисми вазифаҳои онро иҷро мекунад;
$D) Воҳиди алоҳидаи шахси ҳуқуқӣ мебошад, ки берун аз маҳалли ҷойгиршавии он қарор дошта, тамоми вазифаҳои он, аз ҷумла вазифаи намояндагиро иҷро мекунад;
$E) Воҳиди алоҳидаи шахси ҳуқуқӣ мебошад, ки берун аз маҳалли ҷойгиршавии он қарор дошта, тамоми ё як қисми вазифаҳои онро иҷро мекунад;

**@201.Мафҳуми дурустро муайян намоед:**
$A) векселдиҳанда ё ин ки дигар пулдиҳандаи дар вексел нишондодашуда ӯҳдадор аст, ки бо ягон хел шарт бо баробари ба охир расидани мӯҳлати дар вексел нишон додашуда пули муайянеро ба пешниҳодкунандаи вексел диҳад;
$B) векселдиҳанда ё ин ки дигар пулдиҳандаи дар вексел нишондодашуда ӯҳдадор аст, ки бе ягон хел шарт то ба охир расидани

мӯҳлати дар вексел нишон додашуда пули муайянеро ба пешниҳодкунандаи вексел диҳад;
$C) векселдиҳанда ё ин ки дигар пулдиҳандаи дар вексел нишондодашуда ӯҳдадор аст, ки бе ягон хел шарт бо баробари ба охир расидани мӯҳлати дар вексел нишон додашуда пул ё моли муайянеро ба пешниҳодкунандаи вексел диҳад;
$D) векселдиҳанда ё ин ки дигар пулдиҳандаи дар вексел нишондоданашуда ӯҳдадор аст, ки бе ягон хел шарт бо баробари ба охир расидани мӯҳлати дар вексел нишон додашуда пули муайянеро ба пешниҳодкунандаи вексел диҳад;
$E) векселдиҳанда ё ин ки дигар пулдиҳандаи дар вексел нишондодашуда ӯҳдадор аст, ки бе ягон хел шарт бо баробари ба охир расидани мӯҳлати дар вексел нишон додашуда пули муайянеро ба пешниҳодкунандаи вексел диҳад;

**@202.Саҳмия чист?**
$A) коғази қиматноке мебошад, ки ба дорандаи вай (саҳмиядор) ҳуқуқи гирифтани қисми фоидаи ҷамъияти саҳомиро дар шакли дивидент, инчунин ба қисми амволе, ки баъди барҳамдиҳии он боқӣ монда аст, тасдиқ менамояд;
$B) коғази қиматноке мебошад, ки ба дорандаи вай (саҳмиядор) ҳуқуқи гирифтани қисми фоидаи ҷамъият ва ширкати саҳомиро дар шакли дивидент, иштирок дар идоракунии корҳои ин ҷамъият, инчунин ба қисми амволе, ки баъди барҳамдиҳии он боқӣ монда аст, тасдиқ менамояд;

$C) коғази қиматноке мебошад, ки ба дорандаи вай (саҳмиядор) ҳуқуқи гирифтани қисми фоидаи ҷамъияти саҳомиро дар шакли дивидент, иштирок дар идоракунии корҳои ин ҷамъият, инчунин ба қисми амволе, ки баъди фаъолияти он боқӣ монда аст, тасдиқ менамояд;
$D) коғази қиматноке мебошад, ки ба дорандаи вай (саҳмиядор) ҳуқуқи гирифтани қисми фоидаи ҷамъияти саҳомиро дар шакли дивидент, иштирок дар идоракунии корҳои ин ҷамъият, соҳибмулкӣ нисбат ба молу мулки ҷамъияти саҳомӣ, инчунин ба қисми амволе, ки баъди барҳамдиҳии он боқӣ монда аст, тасдиқ менамояд;
$E) коғази қиматноке мебошад, ки ба дорандаи вай (саҳмиядор) ҳуқуқи гирифтани қисми фоидаи ҷамъияти саҳомиро дар шакли

дивидент, иштирок дар идоракунии корҳои ин ҷамъият, инчунин ба қисми амволе, ки баъди барҳамдиҳии он боқӣ монда аст, тасдиқ менамояд;

**@203.Намудҳои саҳмия:**
$A) манзуршаванда, озод фурӯхташаванда, тиллоӣ, нуқрагӣ ва номӣ;
$B) манзуршаванда, ордерӣ, одӣ ва интиқолӣ, озод фурӯхташаванда ва номӣ;
$C) манзуршаванда, ордерӣ, фондӣ, тиллоӣ, озод фурӯхташаванда ва номӣ;
$D) манзуршаванда, озод фурӯхташаванда, маҳдуд, саҳмияи ҷамъияти саҳомии кушода ва пӯшида, ширкатҳои саҳомӣ;
$E) ҳамаи ҷавобҳо нодурустанд;

**@204.Ҷавоби дурустро муайян намоед:**
$A) коносамент ҳуҷҷати тақсимнамои мол башумор меравад. Вай барои ба расмият даровардани боркашонии баҳрӣ ва ҳавоӣ истифода бурда мешавад. Ба дорандаи он ҳуқуқи ихтиёрдорӣ намудани бори дар он нишондодашуда, аз ҷумла гирифтани онро аз боркашонанда медиҳад;
$B) ҳамаи ҷавобҳо нодурустанд;
$C) коносамент ҳуҷҷати тақсимнамои мол башумор меравад. Вай барои ба расмият даровардани боркашонии баҳрӣ истифода бурда мешавад. Ба дорандаи он ҳуқуқи ихтиёрдорӣ намудани бори дар он нишондодашуда, аз ҷумла гирифтани онро аз борфиристанда медиҳад;
$D) коносамент ҳуҷҷати тақсимнамои мол башумор меравад. Вай барои ба расмият даровардани боркашонии баҳрӣ ва роҳи оҳан истифода бурда мешавад. Ба дорандаи он ҳуқуқи ихтиёрдорӣ намудани бори дар он нишондодашуда, аз ҷумла гирифтани онро аз боркашонанда медиҳад;
$E) коносамент ҳуҷҷати тақсимнамои мол башумор меравад. Вай барои ба расмият даровардани боркашонии баҳрӣ истифода бурда мешавад. Ба дорандаи он ҳуқуқи ихтиёрдорӣ намудани бори дар он нишондодашуда, аз ҷумла гирифтани онро аз боркашонанда медиҳад;

**@205.Намудҳои коносамент:**
$A) манзуршаванда, озод фурӯхташаванда, тиллоӣ, номӣ;

$B) ҳамаи ҷавобҳо нодурустанд;
$C) манзуршаванда, ордерӣ, фондӣ, тиллоӣ, озод фурӯхташаванда ва номӣ;
$D) манзуршаванда, ордерӣ, одӣ ва интиқолӣ ва номӣ;
$E) манзуршаванда, ордерӣ ва номӣ;

**@206.Нишонаҳои шахси ҳуқуқӣ:**
$A) муттаҳидии ягона, доштани молу мулки алоҳида дар ҳукуқи моликият, дар муомилот аз номи худ баромад кардан, ҷавобгарии мустақилона доштан;
$B) ҳамаи ҷавобҳо нодурустанд;
$C) муттаҳидии ягона, доштани молу мулки алоҳида, дар муомилот аз номи худ баромад кардан, вале бастани аҳд аз номи роҳбари ташкилот, ҷавобгарии мустақилона доштан;
$D) муттаҳидии ягона, доштани молу мулки алоҳида, дар муомилот аз номи худ баромад кардан, вале бастани аҳд дар шахсияти роҳбари он, ҷавобгарии мустақилона доштан;
$E) муттаҳидии ягона, доштани молу мулки алоҳида, дар муомилот аз номи худ баромад кардан, ҷавобгарии мустақилона доштан;

**@207.Тарзҳои ба вуҷуд омадани шахси ҳуқуқӣ:**
$A) бо тарзи иҷозатӣ, иҷозатдиҳӣ, ихтиёрию меъёрӣ;
$B) ҳамаи ҷавобҳо нодурустанд;
$C) бо тарзи амрдиҳӣ, иҷозатдиҳӣ, бақайдгирӣ, ихтиёрию меъёрӣ;
$D) бо тарзи амрдиҳӣ, иҷозатдиҳӣ, ихтиёрию маҷбурӣ;
$E) бо тарзи амрдиҳӣ, иҷозатдиҳӣ, ихтиёрию меъёрӣ;

**@208.Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон милликунонии молумулки шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ мумкин аст?**
$A) Милликунонӣ дар замони шӯравӣ ҷой дошт, ҳоло мумкин нест;
$B) Дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милликунонӣ» мумкин аст;
$C) Мумкин аст, ба шарте обйекти миллишаванда барои давлат ва ҷамъият аҳамияти калон дошта бошад;
$D) Қатъиян мумкин нест;
$E) Бо шарти ҷуброни зиёне, ки вобаста ба милликунонӣ ба соҳибмулк расонида шудааст ва танҳо дар асоси қонун мумкин аст, вале ҳоло қонуни дахлдор қабул нашудааст;

**@209.Намудҳои моликияти умумиро муайян намоед:**
$A) Моликияти умумии ҳамсарон ва хоҷагиҳои деҳқонӣ;
$B) Моликити умумии якҷояи ҳамсарон ва ҳиссагии шахсони ҳуқуқӣ;
$C) Моликияти давлатӣ ва маҳаллӣ;
$D) Моликияти умумӣ ва алоҳида;
$E) Моликияти умумии ҳиссагӣ ва якҷоя;

**@210.Мӯҳлат ва маҳали бақайдгирии шахси ҳуқуқӣ:**
$A) бақайдгирии давлатии таъсисёбии шахси ҳуқуқиро мақомоти андоз дар маҳалли ҷойгиршавии шахси ҳуқуқӣ дар муддати баъди панҷ рӯзи корӣ аз лаҳзаи пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои лозима бо додани ҳуҷҷати тасдиқкунандаи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ дар худи ҳамин муддат амалӣ мегардонад;
$B) бақайдгирии давлатии таъсисёбии шахси ҳуқуқиро мақомоти андоз дар маҳалли ҷойгиршавии шахси ҳуқуқӣ дар муддати то панҷ рӯзи корӣ аз лаҳзаи пешниҳод намудани ариза бо додани ҳуҷҷати тасдиқкунандаи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ дар худи ҳамин муддат амалӣ мегардонад;
$C) бақайдгирии давлатии таъсисёбии шахси ҳуқуқиро мақомоти андоз дар маҳалли ҷойгиршавии шахси ҳуқуқӣ дар муддати то даҳ рӯзи корӣ аз лаҳзаи пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои лозима бо додани ҳуҷҷати тасдиқкунандаи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ дар худи ҳамин муддат амалӣ мегардонад;
$D) бақайдгирии давлатии таъсисёбии шахси ҳуқуқиро мақомоти андоз дар маҳалли ҷойгиршавии худ дар муддати то панҷ рӯзи корӣ аз лаҳзаи пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои лозима бо додани ҳуҷҷати тасдиқкунандаи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ дар худи ҳамин муддат амалӣ мегардонад;
$E) бақайдгирии давлатии таъсисёбии шахси ҳуқуқиро мақомоти андоз дар маҳалли ҷойгиршавии шахси ҳуқуқӣ дар муддати то панҷ рӯзи корӣ аз лаҳзаи пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои лозима бо додани ҳуҷҷати тасдиқкунандаи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ дар худи ҳамин муддат амалӣ мегардонад;

**@211.Дар асоси фақат оинномa шахсони ҳуқуқии мазкур баромад мекунанд:**

$A) ҷамъиятҳои саҳомӣ, ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд ва иловагӣ, корхонаҳои воҳиди давлатӣ ва маҳаллӣ, кооперативҳои истеҳсолӣ ва истеъмолӣ, фондҳо, инчунин ташкилотҳои (иттиҳодияҳои) ҷамъиятӣ (ба ғайр аз иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ) амал мекунанд;
$B) ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд ва иловагӣ, инчунин иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ – ассотсиатсияҳо ва иттифоқҳо;
$C) ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд ва иловагӣ, инчунин иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ – ассотсиатсияҳо ва иттифоқҳо;
$D) ширкатҳои комил ва ширкатҳои ба боварӣ асосёфта;
$E) ҷамъиятҳои саҳомӣ, ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд ва иловагӣ, ки аз тарафи як шахс таъсис дода шудаанд, корхонаҳои воҳиди давлатӣ ва маҳаллӣ, кооперативҳои истеҳсолӣ ва истеъмолӣ, фондҳо, инчунин ташкилотҳои (иттиҳодияҳои) ҷамъиятӣ (ба ғайр аз иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ) амал мекунанд;

**@212.Дар асоси фақат шартномаи таъсисӣ шахсони ҳуқуқии мазкур баромад мекунанд:**
$A) ҷамъиятҳои саҳомӣ, ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд ва иловагӣ, ки аз тарафи як шахс таъсис дода шудаанд, корхонаҳои воҳиди давлатӣ ва маҳаллӣ, кооперативҳои истеҳсолӣ ва истеъмолӣ, фондҳо, инчунин ташкилотҳои (иттиҳодияҳои) ҷамъиятӣ (ба ғайр аз иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ) амал мекунанд;
$B) ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд ва иловагӣ, инчунин иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ – ассотсиатсияҳо ва иттифоқҳо;
$C) ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд ва иловагӣ, инчунин иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ – ассотсиатсияҳо ва иттифоқҳо;
$D) ҷамъиятҳои саҳомӣ, ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд ва иловагӣ, корхонаҳои воҳиди давлатӣ ва маҳаллӣ, кооперативҳои истеҳсолӣ ва истеъмолӣ, фондҳо, инчунин ташкилотҳои (иттиҳодияҳои) ҷамъиятӣ (ба ғайр аз иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ) амал мекунанд;
$E) ширкатҳои комил ва ширкатҳои ба боварӣ асосёфта;

**@213.Дар асоси оинонма ва шартномаи таъсисӣ шахсони ҳуқуқии мазкур баромад мекунанд:**
$A) ҷамъиятҳои саҳомӣ, ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд ва иловагӣ, ки аз тарафи як шахс таъсис дода шудаанд, корхонаҳои

воҳиди давлатӣ ва маҳаллӣ, кооперативҳои истеҳсолӣ ва истеъмолӣ, фондҳо, инчунин ташкилотҳои (иттиҳодияҳои) ҷамъиятӣ (ба ғайр аз иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ) амал мекунанд;
$B) ҷамъиятҳои саҳомӣ, ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд ва иловагӣ, корхонаҳои воҳиди давлатӣ ва маҳаллӣ, кооперативҳои истеҳсолӣ ва истеъмолӣ, фондҳо, инчунин ташкилотҳои (иттиҳодияҳои) ҷамъиятӣ (ба ғайр аз иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ) амал мекунанд;
$C) ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд ва иловагӣ, инчунин иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ – ассотсиатсияҳо ва иттифоқҳо;
$D) ширкатҳои комил ва ширкатҳои ба боварӣ асосёфта;
$E) ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд ва иловагӣ, инчунин иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ – ассотсиатсияҳо ва иттифоқҳо;

**@214.Дар кадом ҳолат ҳиссаи иштирокчиёни моликияти саҳмӣ баробар ҳисобида мешавад?**
$A) Агар инро қонун муқаррар карда бошад;
$B) Агар инро суд муқаррар карда бошад;
$C) Агар инро созиши иширокчиён муайян карда бошад;
$D) Ҳиссаҳо дар моликияти саҳмӣ ҳамеша баробар аст;
$E) Агар дар асоси қонун муқаррар ва бо созишномаи ҳамаи иштирокчиёни он муайян нашуда бошад;

**@215.Намояндагӣ чист?**
$A) воҳиди мустақили шахси ҳуқуқӣ мебошад, ки берун аз маҳалли ҷойгиршавии он қарор дошта, манфиати шахси ҳуқуқиро ҳифз менамояд, аз номи он аҳдҳои муайян ва амалҳои дигари ҳуқуқиро анҷом медиҳад;
$B) воҳиди мустақили шахси ҳуқуқӣ мебошад, ки берун аз маҳалли ҷойгиршавии он қарор дошта, вазифа ва фаъолиятҳои монанд ё қисми онҳоро иҷро мекунад;
$C) ҳамаи ҷавобҳо нодурустанд;
$D) воҳиди мустақили шахси ҳуқуқӣ мебошад, ки берун аз маҳалли ҷойгиршавии он қарор дошта, вазифа ва фаъолиятҳои монанд ё қисми онҳоро иҷро мекунад, дар суд даъвогар ва ҷавобгар мешавад;
$E) воҳиди мустақили шахси ҳуқуқӣ мебошад, ки берун аз маҳалли ҷойгиршавии он қарор дошта, манфиати шахси ҳуқуқиро ҳифз

менамояд, аз номи он аҳдҳои муайян ва амалҳои дигари ҳуқуқию воқеиро анҷом медиҳад;

**@216.Филиал чист?**
$A) воҳиди мустақили шахси ҳуқуқӣ мебошад, ки берун аз маҳалли ҷойгиршавии он қарор дошта, манфиати шахси ҳуқуқиро ҳифз менамояд, аз номи он аҳдҳои муайян ва амалҳои дигари ҳуқуқиро анҷом медиҳад;
$B) воҳиди мустақили шахси ҳуқуқӣ мебошад, ки берун аз маҳалли ҷойгиршавии он қарор дошта, вазифа ва фаъолиятҳои монанд ё қисми онҳоро иҷро мекунад;
$C) воҳиди мустақили шахси ҳуқуқӣ мебошад, ки берун аз маҳалли ҷойгиршавии он қарор дошта, вазифа ва фаъолиятҳои монанд ё қисми онҳоро иҷро мекунад, дар суд даъвогар ва ҷавобгар мешавад;
$D) воҳиди мустақили шахси ҳуқуқӣ мебошад, ки берун аз маҳалли ҷойгиршавии он қарор дошта, манфиати шахси ҳуқуқиро ҳифз менамояд, аз номи он аҳдҳои муайян ва амалҳои дигари ҳуқуқию воқеиро анҷом медиҳад;
$E) ҳамаи ҷавобҳо нодурустанд;

**@217.Хусусияти намояндагӣ ва филиалҳо:**
$A) намояндагӣ ва филиалҳо қисми таркибии (воҳиди сохтории) шахси ҳуқуқӣ мебошанд, ки на дар маҳалли ҷойгиршавии худи шахси ҳуқуқӣ, балки берун аз маҳале қарор доранд, ки дар он шахси ҳуқуқӣ ҷойгир шудааст, намояндагӣ ва филиалҳо шахси ҳуқуқӣ мебошанд. Дар ҳуҷҷатҳои муассисии таҳиянамудаи шахси ҳуқуқӣ дар бораи онҳо бояд маълумот дода шавад, намояндагӣ ва филиалҳо дар муносибатҳои гражданӣ на аз номи худ ва на аз номи шахси ҳуқуқӣ наметавонанд иштирок намоянд. Танҳо роҳбарони (шахсони мансабдори) намояндагӣ ва филиалҳо метавонанд ҳамчун намояндаи шахси ҳуқуқӣ бо ваколатнома баромад кунанд;
$B) намояндагӣ ва филиалҳо қисми таркибии (воҳиди сохтории) шахси ҳуқуқӣ мебошанд, ки на дар маҳалли ҷойгиршавии худи шахси ҳуқуқӣ, балки берун аз маҳале қарор доранд, ки дар он шахси ҳуқуқӣ ҷойгир шудааст, намояндагӣ ва филиалҳо шахси ҳуқуқӣ намебошанд. Дар ҳуҷҷатҳои муассисии таҳиянамудаи шахси ҳуқуқӣ дар бораи онҳо бояд маълумот дода шавад, намояндагӣ ва филиалҳо дар муносибатҳои гражданӣ аз номи худ ва аз номи шахси ҳуқуқӣ

метавонанд иширок намоянд. Танҳо роҳбарони (шахсони мансабдори) намояндагӣ ва филиалҳо метавонанд ҳамчун намояндаи шахси ҳуқуқӣ бо ваколатнома баромад кунанд;
$C) ҳамаи ҷавобҳо нодурустанд;
$D) намояндагӣ ва филиалҳо қисми таркибии (воҳиди сохтории) шахси ҳуқуқӣ мебошанд, ки на дар маҳалли ҷойгиршавии худи шахси ҳуқуқӣ, балки берун аз маҳале қарор доранд, ки дар он шахси ҳуқуқӣ ҷойгир шудааст, намояндагӣ ва филиалҳо шахси ҳуқуқӣ намебошанд. Дар ҳуҷҷатҳои муассисии таҳиянамудаи шахси ҳуқуқӣ дар бораи онҳо бояд маълумот дода шавад, намояндагӣ ва филиалҳо дар муносибатҳои гражданӣ на аз номи худ ва на аз номи шахси ҳуқуқӣ наметавонанд иширок намоянд. Танҳо роҳбарони (шахсони мансабдори) намояндагӣ ва филиалҳо метавонанд ҳамчун намояндаи шахси ҳуқуқӣ бо гувоҳнома баромад кунанд;
$E) намояндагӣ ва филиалҳо қисми таркибии (воҳиди сохтории) шахси ҳуқуқӣ мебошанд, ки на дар маҳалли ҷойгиршавии худи шахси ҳуқуқӣ, балки берун аз маҳале қарор доранд, ки дар он шахси ҳуқуқӣ ҷойгир шудааст, намояндагӣ ва филиалҳо шахси ҳуқуқӣ намебошанд. Дар ҳуҷҷатҳои муассисии таҳиянамудаи шахси ҳуқуқӣ дар бораи онҳо бояд маълумот дода шавад, намояндагӣ ва филиалҳо дар муносибатҳои гражданӣ на аз номи худ ва на аз номи шахси ҳуқуқӣ наметавонанд иширок намоянд. Танҳо роҳбарони (шахсони мансабдори) намояндагӣ ва филиалҳо метавонанд ҳамчун намояндаи шахси ҳуқуқӣ бо ваколатнома баромад кунанд;

**@218.Умумияти намояндагӣ ва филиалҳо:**
$A) онҳо ҳуқуқи шахси ҳуқуқиро надоранд, оид ба фаъолияти намояндагон ва филиалҳо даъво ба номи шахси ҳуқуқй пешниҳод карда мешавад, ҷавобгарӣ нисбат ба фаъолияти онҳо ба зиммаи шахси ҳуқуқӣ нест, роҳбарони намояндагию филиалҳо аз ҷониби шахси ҳуқуқӣ таъин гардида, дар асоси ваколатномаи он амал мекунанд;
$B) онҳо ҳуқуқи шахси ҳуқуқиро доранд, оид ба фаъолияти намояндагон ва филиалҳо даъво ба номи шахси ҳуқуқй пешниҳод карда мешавад, ҷавобгарӣ нисбат ба фаъолияти онҳо ба зиммаи шахси ҳуқуқӣ аст, роҳбарони намояндагию филиалҳо аз ҷониби шахси ҳуқуқӣ таъин гардида, дар асоси ваколатномаи он амал мекунанд;

$C) онҳо ҳуқуқи шахси ҳуқуқиро надоранд, оид ба фаъолияти намояндагон ва филиалҳо даъво ба номи шахси ҳуқуқӣ пешниҳод карда мешавад, ҷавобгарӣ нисбат ба фаъолияти онҳо ба зиммаи шахси ҳуқуқӣ аст, роҳбарони намояндагию филиалҳо аз ҷониби шахси ҳуқуқӣ таъин гардида, дар асоси гувоҳномаи он амал мекунанд;
$D) онҳо ҳуқуқи шахси ҳуқуқиро надоранд, оид ба фаъолияти намояндагон ва филиалҳо даъво ба номи шахси ҳуқуқӣ пешниҳод карда намешавад, ҷавобгарӣ нисбат ба фаъолияти онҳо ба зиммаи шахси ҳуқуқӣ аст, роҳбарони намояндагию филиалҳо аз ҷониби шахси ҳуқуқӣ таъин гардида, дар асоси ваколатномаи он амал мекунанд;
$E) онҳо ҳуқуқи шахси ҳуқуқиро надоранд оид ба фаъолияти намояндагон ва филиалҳо даъво ба номи шахси ҳуқуқӣ пешниҳод карда мешавад, ҷавобгарӣ нисбат ба фаъолияти онҳо ба зиммаи шахси ҳуқуқӣ аст, роҳбарони намояндагию филиалҳо аз ҷониби шахси ҳуқуқӣ таъин гардида, дар асоси ваколатномаи он амал мекунанд;

**@219.Тафовути намояндагӣ ва филиалҳо:**
$A) намояндагӣ манфиатҳои шахси ҳуқуқиро ифода ва ҳифз менамояд. Онҳо метавонанд аз номи шахси ҳуқуқӣ созишномаҳо банданд, иҷрои онҳоро назорат кунанд, фаъолияти шахси ҳуқуқиро реклама намоянд ва ғ, фаъолияти филиалҳо васеъ аст, онҳо функсияҳои шахси ҳуқуқиро пурра ба амал мебароранд, ба фаъолияти истеҳсолӣ, хоҷагӣ ва ё дигар фаъолият низ машғул мешаванд, ҳамчунин дар масъалаи ҳифз намудани манфиатҳои шахси ҳуқуқӣ функсияи намояндагиро низ иҷро менамоянд;
$B) намояндагӣ манфиатҳои шахси ҳуқуқиро ифода ва ҳифз менамояд. Онҳо наметавонанд аз номи шахси ҳуқуқӣ созишномаҳо банданд, иҷрои онҳоро назорат кунанд, фаъолияти шахси ҳуқуқиро реклама намоянд ва ғ, фаъолияти филиалҳо васеъ аст, онҳо функсияҳои шахси ҳуқуқиро пурра ё қисми онро ба амал мебароранд, ба фаъолияти истеҳсолӣ, хоҷагӣ ва ё дигар фаъолият низ машғул мешаванд, ҳамчунин дар масъалаи ҳифз намудани манфиатҳои шахси ҳуқуқӣ функсияи намояндагиро низ иҷро менамоянд;
$C) намояндагӣ манфиатҳои шахси ҳуқуқиро ифода ва ҳифз менамояд. Онҳо метавонанд аз номи шахси ҳуқуқӣ созишномаҳо банданд, иҷрои онҳоро назорат кунанд, фаъолияти шахси ҳуқуқиро

реклама намоянд ва ғ, фаъолияти филиалҳо васеъ аст, онҳо функсияҳои шахси ҳуқуқиро пурра ё қисми онро ба амал мебароранд, ба фаъолияти истеҳсолӣ, хочагӣ ва ё дигар фаъолият низ машғул мешаванд, вале дар масъалаи ҳифз намудани манфиатҳои шахси ҳуқуқӣ функсияи намояндагиро низ иҷро наменамоянд;
$D) намояндагӣ манфиатҳои шахси ҳуқуқиро ифода ва ҳифз менамояд, функсияҳои шахи ҳукуқиро қисман иҷро мекунад. Онҳо метавонанд аз номи шахси ҳуқуқӣ созишномаҳо банданд, иҷрои онҳоро назорат кунанд, фаъолияти шахси ҳуқуқиро реклама намоянд ва ғ, фаъолияти филиалҳо васеъ аст, онҳо функсияҳои шахси ҳуқуқиро пурра ё қисми онро ба амал мебароранд, ба фаъолияти истеҳсолӣ, хочагӣ ва ё дигар фаъолият низ машғул мешаванд, ҳамчунин дар масъалаи ҳифз намудани манфиатҳои шахси ҳуқуқӣ функсияи намояндагиро низ иҷро менамоянд;
$E) намояндагӣ манфиатҳои шахси ҳуқуқиро ифода ва ҳифз менамояд. Онҳо метавонанд аз номи шахси ҳуқуқӣ созишномаҳо банданд, иҷрои онҳоро назорат кунанд, фаъолияти шахси ҳуқуқиро реклама намоянд ва ғ, фаъолияти филиалҳо васеъ аст, онҳо функсияҳои шахси ҳуқуқиро пурра ё қисми онро ба амал мебароранд, ба фаъолияти истеҳсолӣ, хочагӣ ва ё дигар фаъолият низ машғул мешаванд, ҳамчунин дар масъалаи ҳифз намудани манфиатҳои шахси ҳуқуқӣ функсияи намояндагиро низ иҷро менамоянд;

**@220.Дар сурати барҳам додани шахси ҳуқуқӣ талаби кредиторони он ба навбати зайл қонеъ гардонида мешаванд дар навбати аввал:**
$A) талаби ҳамаи кредиторони дигар;
$B) қарз аз рӯи пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет пардохта мешавад;
$C) талаби кредиторон аз рӯи ӯҳдадориҳое қонеъ гардонида мешаванд, ки бо гарави молу мулки шахси ҳуқуқии барҳамдодашаванда таъмин гардидаанд;
$D) дар мавриди пардохти кӯмакпулии аз кор рафтан ва музди кори ашхосе, ки тибқи шартномаи меҳнатӣ, аз ҷумла тибқи қарордод кор мекунанд ва дар мавриди додани мукофотпулӣ аз рӯи шартномаҳои муаллифӣ ҳисобу китоб карда мешавад;
$E) талаби шаҳрвандоне бо роҳи ба сармоя табдил додани пардохтҳои дахлдори вақтбайъ қонеъ гардонида мешавад, ки шахси ҳуқуқии

барҳамдодашаванда дар назди онҳо барои расонидани зиён ба ҳаёт ва саломатиашон масъулият дорад;

**@221.Дар сурати барҳам додани шахси ҳуқуқӣ талаби кредиторони он ба навбати зайл қонеъ гардонида мешаванд: - дар навбати сеюм:**
$A) талаби ҳамаи кредиторони дигар;
$B) қарз аз рӯи пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет пардохта мешавад;
$C) талаби шаҳрвандоне бо роҳи ба сармоя табдил додани пардохтҳои дахлдори вақтбайъ қонеъ гардонида мешавад, ки шахси ҳуқуқии барҳамдодашаванда дар назди онҳо барои расонидани зиён ба ҳаёт ва саломатиашон масъулият дорад;
$D) дар мавриди пардохти кӯмакпулии аз кор рафтан ва музди кори ашхосе, ки тибқи шартномаи меҳнатӣ, аз ҷумла тибқи қарордод кор мекунанд ва дар мавриди додани мукофотпулӣ аз рӯи шартномаҳои муаллифӣ ҳисобу китоб карда мешавад;
$E) талаби кредиторон аз рӯи ӯҳдадориҳое қонеъ гардонида мешаванд, ки бо гарави молу мулки шахси ҳуқуқии барҳамдодашаванда таъмин гардидаанд;

**@222.Дар сурати барҳам додани шахси ҳуқуқӣ талаби кредиторони он ба навбати зайл қонеъ гардонида мешаванд: дар навбати дуюм:**
$A) талаби ҳамаи кредиторони дигар;
$B) қарз аз рӯи пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет пардохта мешавад;
$C) талаби кредиторон аз рӯи ӯҳдадориҳое қонеъ гардонида мешаванд, ки бо гарави молу мулки шахси ҳуқуқии барҳамдодашаванда таъмин гардидаанд;
$D) ҳамаи ҷавобҳо нодурустанд;
$E) дар мавриди пардохти кӯмакпулии аз кор рафтан ва музди кори ашхосе, ки тибқи шартномаи меҳнатӣ, аз ҷумла тибқи қарордод кор мекунанд ва дар мавриди додани мукофотпулӣ аз рӯи шартномаҳои муаллифӣ ҳисобу китоб карда мешавад;

**@223.Дар сурати барҳам додани шахси ҳуқуқӣ талаби кредиторони он ба навбати зайл қонеъ гардонида мешаванд: дар навбати панҷум:**
$A) талаби ҳамаи кредиторони дигар;

$B) қарз аз рӯи пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет пардохта мешавад;
$C) талаби кредиторон аз рӯи ӯҳдадориҳое қонеъ гардонида мешаванд, ки бо гарави молу мулки шахси ҳуқуқии барҳамдодашаванда таъмин гардидаанд;
$D) дар мавриди пардохти кӯмакпулии аз кор рафтан ва музди кори ашхосе, ки тибқи шартномаи меҳнатӣ, аз ҷумла тибқи қарордод кор мекунанд ва дар мавриди додани мукофотпулӣ аз рӯи шартномаҳои муаллифӣ ҳисобу китоб карда мешавад;
$E) ҳамаи ҷавобҳо нодурустанд;

**@224.Дар сурати барҳам додани шахси ҳуқуқӣ талаби кредиторони он ба навбати зайл қонеъ гардонида мешаванд: дар навбати чорум:**
$A) талаби ҳамаи кредиторони дигар;
$B) ҳамаи ҷавобҳо нодурустанд;
$C) талаби кредиторон аз рӯи ӯҳдадориҳое қонеъ гардонида мешаванд, ки бо гарави молу мулки шахси ҳуқуқии барҳамдодашаванда таъмин гардидаанд;
$D) дар мавриди пардохти кӯмакпулии аз кор рафтан ва музди кори ашхосе, ки тибқи шартномаи меҳнатӣ, аз ҷумла тибқи қарордод кор мекунанд ва дар мавриди додани мукофотпулӣ аз рӯи шартномаҳои муаллифӣ ҳисобу китоб карда мешавад;
$E) қарз аз рӯи пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет пардохта мешавад;

**@225.Намудҳои шахсони ҳукуқӣ вобаста ба шакли моликият:**
$A) шахсони ҳукуқие, ки иштирокчиёни нисбати молу мулки он ҳуқуқи ӯҳдадорӣ доранд (ҷамъият ва ширкатҳои хоҷагидорӣ, кооперативи истеҳсоли ва кооперативи матлубот), шахсони ҳуқуқие, ки муассиссонаш нисбати молу мулки он ягон ҳуқуқи морлумулкӣ надоранд (фондҳо, ташклоти ҷамъиятӣ ва динӣ, инчунин иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ), шахсони ҳуқуқӣ, ки муассисонаш нисбати молу мулки онҳо ҳуқуқи моликият ё дигар ҳуқуқи молулмулкӣ доранд (корхонаҳои давлатӣ ва муассисаҳо);
$B) ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ: - ҷамъияти саҳомӣ, ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуд, ҷамъияти дорои масъулияташ иловагӣ, ширкатҳои хоҷагидорӣ: ширкати комил ва ширкати ба боварӣ асосёфта, корхонаҳои давлатӣ: корхонаҳои давлатие, ки ҳуқуқи идоракунии оперативӣ доранд, (корхонаҳои махсус ва ё казонӣ) ,

корхонаҳои давлатие, ки ҳуқуқи пешбурди хоҷагидорӣ доранд, кооперативҳои истеҳсолӣ ва ғ;
$C) тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ;
$D) хусусӣ, давлатӣ ва коллективӣ;
$E) ҳамаи ҷавобҳо нодурустанд;

**@226.Намудҳои шахсони ҳукуқӣ вобаста ба хислати ҳуқуқи иштирокчиён ба молу мулки шахси ҳукуқӣ:**
$A) ҳамаи ҷавобҳо нодурустанд;
$B) ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ: - ҷамъияти саҳомӣ, ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуд, ҷамъияти дорои масъулияташ иловагӣ, ширкатҳои хоҷагидорӣ: ширкати комил ва ширкати ба боварӣ асосёфта, корхонаҳои давлатӣ: корхонаҳои давлатие, ки ҳуқуқи идоракунии оперативӣ доранд, (корхонаҳои махсус ва ё казонӣ) , корхонаҳои давлатие, ки ҳуқуқи пешбурди хоҷагидорӣ доранд, кооперативҳои истеҳсолӣ ва ғ;
$C) тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ;
$D) хусусӣ, давлатӣ ва коллективӣ;
$E) шахсони ҳукуқие, ки иштирокчиёни нисбати молу мулки он ҳуқуқи ӯҳдадорӣ доранд (ҷамъият ва ширкатҳои хоҷагидорӣ, кооперативи истеҳсоли ва кооперативи матлубот), шахсони ҳуқуқие, ки муассиссонаш нисбати молу мулки он ягон ҳуқуқи морлумулкӣ надоранд (фондҳо, ташклоти ҷамъиятӣ ва динӣ, инчунин иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ), шахсони ҳуқуқӣ, ки муассисонаш нисбати молу мулки онҳо ҳуқуқи моликият ё дигар ҳуқуқи молулмулкӣ доранд (корхонаҳои давлатӣ ва муассисаҳо);

**@227.Намудҳои шахсони ҳукуқӣ вобаста ба шакли ташкилию ҳукуқӣ:**
$A) шахсони ҳукуқие, ки иштирокчиёни нисбати молу мулки он ҳуқуқи ӯҳдадорӣ доранд (ҷамъият ва ширкатҳои хоҷагидорӣ, кооперативи истеҳсоли ва кооперативи матлубот), шахсони ҳуқуқие, ки муассиссонаш нисбати молу мулки он ягон ҳуқуқи морлумулкӣ надоранд (фондҳо, ташклоти ҷамъиятӣ ва динӣ, инчунин иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ), шахсони ҳуқуқӣ, ки муассисонаш нисбати молу мулки онҳо ҳуқуқи моликият ё дигар ҳуқуқи молулмулкӣ доранд (корхонаҳои давлатӣ ва муассисаҳо);

$B) ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ: - ҷамъияти саҳомӣ, ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуд, ҷамъияти дорои масъулияташ иловагӣ, ширкатҳои хоҷагидорӣ, ширкати комил ва ширкати ба боварӣ асосёфта, корхонаҳои давлатӣ: корхонаҳои давлатие, ки ҳуқуқи идоракунии оперативӣ доранд, (корхонаҳои махсус ва ё казонӣ) , корхонаҳои давлатие, ки ҳуқуқи пешбурди хоҷагидорӣ доранд, кооперативҳои истеҳсолӣ, бонкҳо, ташкилоти суғуртавӣ ва ғ;
$C) тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ;
$D) хусусӣ, давлатӣ ва коллективӣ;
$E) ҳамаи ҷавобҳо нодурустанд;

**@228.Намудҳои шахсони ҳукуқӣ вобаста ба мақсади фаъолият:**
$A) шахсони ҳуқуқие, ки иштирокчиёни нисбати молу мулки он ҳуқуқи ӯҳдадорӣ доранд (ҷамъият ва ширкатҳои хоҷагидорӣ, кооперативи истеҳсоли ва кооперативи матлубот), шахсони ҳуқуқие, ки муассиссонаш нисбати молу мулки он ягон ҳуқуқи морлумулкӣ надоранд (фондҳо, ташклоти ҷамъиятӣ ва динӣ, инчунин иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ), шахсони ҳуқуқӣ, ки муассисонаш нисбати молу мулки онҳо ҳуқуқи моликият ё дигар ҳуқуқи молулмулкӣ доранд (корхонаҳои давлатӣ ва муассисаҳо);
$B) ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ: - ҷамъияти саҳомӣ, ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуд, ҷамъияти дорои масъулияташ иловагӣ, ширкатҳои хоҷагидорӣ: ширкати комил ва ширкати ба боварӣ асосёфта, корхонаҳои давлатӣ: корхонаҳои давлатие, ки ҳуқуқи идоракунии оперативӣ доранд, (корхонаҳои махсус ва ё казонӣ) , корхонаҳои давлатие, ки ҳуқуқи пешбурди хоҷагидорӣ доранд, кооперативҳои истеҳсолӣ, бонкҳо, ташкилоти суғуртавӣ ва ғ;
$C) соҳибкорӣ ва ғайритиҷоратӣ;
$D) хусусӣ, давлатӣ ва коллективӣ;
$E) ҳамаи ҷавобҳо нодурустанд;

**@229.Аломатҳои ширкати комил:**
$A) хусусияти шартномавӣ доштани муттаҳидшавӣ, ҳатмӣ будани иштироки шахсӣ дар фаъолияти ташкилот, мақсади таъсис – анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ, масъулияти маҳдуди иштирокчиён оид ба ӯҳдадориҳои ширкат;
$B) хусусияти шартномавӣ доштани муттаҳидшавӣ, ҳатмӣ будани иштироки шахсӣ дар фаъолияти ташкилот, мақсади таъсис анҷом

додани фаъолияти соҳибкорӣ ё дигар мақсади хайриявӣ, масъулияти номаҳдуди иштирокчиён оид ба ӯҳдадориҳои ширкат;
$C) хусусияти шартномавӣ доштани муттаҳидшавӣ, ҳатмӣ будани иштироки саҳмӣ дар фаъолияти ташкилот, мақсади таъсис – анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ, масъулияти номаҳдуди иштирокчиён оид ба ӯҳдадориҳои ширкат;
$D) хусусияти шартномавӣ доштани муттаҳидшавӣ, ҳатмӣ набудани иштироки шахсӣ дар фаъолияти ташкилот, мақсади таъсис – анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ, масъулияти номаҳдуди иштирокчиён оид ба ӯҳдадориҳои ширкат;
$E) хусусияти шартномавӣ доштани муттаҳидшавӣ, ҳатмӣ будани иштироки шахсӣ дар фаъолияти ташкилот, мақсади таъсис – анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ, масъулияти номаҳдуди иштирокчиён оид ба ӯҳдадориҳои ширкат;

**@230.Ширкати комил чист?**
$A) аз иттиҳодияи шахсон барои пешбурди муштараки фаъолияти молумулкии дар асоси шартнома иборат мебошад;
$B) аз иттиҳодияи ҳиссаҳои молумулкии шахсон барои пешбурди муштараки фаъолияти молумулкии дар асоси шартнома иборат мебошад;
$C) аз иттиҳодияи шахсон ё ҳиссаҳои молумулкии онҳо барои пешбурди муштараки фаъолияти молумулкии дар асоси шартнома ё оиннома иборат мебошад;
$D) аз иттиҳодияи шахсон ё ҳиссаҳои молумулкии онҳо барои пешбурди муштараки фаъолияти меҳнатии дар асоси шартнома иборат мебошад;
$E) аз иттиҳодияи шахсон ё ҳиссаҳои молумулкии онҳо барои пешбурди муштараки фаъолияти молумулкии дар асоси шартнома иборат мебошад;

**@231.Андозаи ҳадди ақалли сармояи шариконаи ширкати комил чӣ қадар аст?**
$A) ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо;
$B) панҷсад сомонӣ;
$C) қонунгузорӣ талаботро нисбат ба ҳаҷми ҳадди ақалли сармояи шариконаи ширкати комил муқаррар менамояд ва он баробар ба панҷсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо мебошад, зеро манфиатҳои

кредитор бо масъулияти иловагии иштирокчиён вобаста ба қарзҳои ширкат ба зиммаи иштирокчиён гузошта шудааст;
$D) қонунгузорӣ талаботро нисбат ба ҳаҷми ҳадди ақалли сармояи шариконаи ширкати комил муқаррар наменамояд, зеро манфиатҳои кредитор бо масъулияти иловагии иштирокчиён вобаста ба қарзҳои ширкат ба зиммаи иштирокчиён гузошта нашудааст;
$E) қонунгузорӣ талаботро нисбат ба ҳаҷми ҳадди ақалли сармояи шариконаи ширкати комил муқаррар наменамояд, зеро манфиатҳои кредитор бо масъулияти иловагии иштирокчиён вобаста ба қарзҳои ширкат ба зиммаи иштирокчиён гузошта шудааст;

**@232.Ширкати ба боварӣ асосёфтаро тавсиф диҳед:**
$A) ташкилоти тиҷоратӣ мебошад, ки дар он ду категорияи иштирокчиён – шарикони комил, ки мустақиман дар фаъолияти ширкат иштирок дошта, дар ҳаҷми пурра зиёни имконпазирро ба зимма доранд (коммандистон) ва саҳмгузорон, ки шахсан дар фаъолияти ширкат иштирок надоранд, вале ҳиссаи муайяни молумулкӣ ворид намуданд ва хатари зиёнро дар доираи ҳамин ҳисса ба зимма доранд, муттаҳид шуданд;
$B) ташкилоти ғайритиҷоратӣ мебошад, ки дар он ду категорияи иштирокчиён – шарикони комил, ки мустақиман дар фаъолияти ширкат иштирок дошта, дар ҳаҷми пурра зиёни имконпазирро ба зимма доранд ва саҳмгузорон, ки шахсан дар фаъолияти ширкат иштирок надоранд, вале ҳиссаи муайяни молумулкӣ ворид намуданд ва хатари зиёнро дар доираи ҳамин ҳисса ба зимма доранд, муттаҳид шуданд;
$C) дар байни ҷавобҳо ду варианти дуруст мавҷуд аст;
$D) ташкилоти тиҷоратӣ мебошад, ки дар он ду категорияи иштирокчиён – шарикони комил, ки мустақиман дар фаъолияти ширкат иштирок дошта, дар ҳаҷми пурра зиёни имконпазирро ба зимма доранд ва саҳмгузорон, ки шахсан дар фаъолияти ширкат иштирок доранд, вале ҳиссаи муайяни молумулкӣ ворид намуданд ва хатари зиёнро дар доираи ҳамин ҳисса ба зимма доранд, муттаҳид шуданд;
